24. Комплексность и системность контроля качества образования в процессе производства и потребления образовательной услуги в вузах выражается в том, что сторонники компетентностной стратегии развития образования продолжают расти от общего выпуска из вузов. Современные выпускники обладают способностью успешно применять полученные теоретические знания в вузе на практике [3-А; 23-А;24-А].

25. Компетентностная стратегия развития позволяет формировать у выпускников способности к успешному использованию полученных теоретических знаний на практике, о чем свидетельствует рост числа трудоустроившихся по специальности от общего контингента выпуска. Внедрение положений Болонской конвенции привело к интенсивности массового бакалавриата в Республике Таджикистан, а также способствовало интеграции доли учащихся в Европейскую систему образования. Участие Республики Таджикистан в качестве подписанта Болонской конвенции, дает возможность выпускникам отечественных вузов трудоустроится в Европейских странах, так как дипломы, полученные выпускниками в Республике Таджикистан, приравниваются к дипломам вузов Европейских стран [3-А; 35-А].

26. Для обеспечения оптимального соотношения численности между компетентными специалистами с высшим профессиональным образованием и общим контингентом трудовых ресурсов в разрезе секторов экономики по годам исследования и прогнозирования необходимо выполнить многовариантные прогнозы потребностей экономики страны в компетентных специалистах с высшим профессиональным образованием в разрезе секторов экономики, основанные на учете индикаторов развития и социальных ориентиров, предложенных в НСР РТ – 2030 [3-А; 11-А; 13-А;].

27. Расчет дополнительной потребности экономики Республики Таджикистан в компетентных специалистах с высшим профессиональным образованием в разрезе группы специальностей на период до 2030 года с учетом результатов многовариантных прогнозов общих потребностей экономики позволяет разработать проекты контрольных цифр приема и выпуска из вузов на перспективный период времени [3-А].

28. Выполнение указанных рекомендаций позволило создать имитационную модель, входом которой являются прогнозы общих

потребностей экономики в специалистах с высшим профессиональным образованием в разрезе специальностей, результаты демографических прогнозов, анализ динамики изменения специальностного состава студентов отечественных вузов, результаты единовременных опросов насыщенности трудовых ресурсов специалистами с высшим профессиональным образованием, проводимые статистическими органами периодически, целевые индикаторы НСР РТ - 2030, социальные ориентиры НСР РТ - 2030, тенденции и динамика приема и выпуска из вузов в разрезе групп специальностей, динамика отраслевой структуры экономически активного населения. Выходом предложенной модели является проект контрольных цифр приема и выпуска отечественных и зарубежных вузов в разрезе группы специальностей [3-А; 6-А; 7-А; 9-А].

29. Отличие разработанной настоящим исследованием имитационной модели от широко известных заключается в том, что она позволяет установить количественную связь между потенциалом отечественной системы высшего образования и ожидаемыми показателями развития экономики в разрезе стандартных отраслей. Эти отрасли, будучи взаимообусловленными и взаимосвязанными, создаются на базе выявления количественной связи между отраслевыми показателями ВВП и характеристикой системы высшего образования. Полученная возможность при принятии научно-практически обоснованных решений различного уровня позволяет создавать возможности оптимального обеспечения потребностей в компетентных специалистах с высшим образованием в разрезе групп специальностей, что приближает структуру специалистов, занятых в экономике до оптимального уровня [3-А; 6-А; 7-А].

## СПИСОК ПУБЛИКАЦИЙ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### Монографии:

**[1-А]** Хамидова С.Х. Теоретико-методологические основы развития и эффективного использования человеческого капитала региона в среде инновационного сценария развития экономики: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Издательство ОАО «Наби Фахри», 2020. – 114 с. Текст непосредственный. ISBN: 9789997598073.

**[2-А]** Хамидова С.Х. Развитие человеческого капитала региона в среде индустриального сценария развития экономики: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Издательство ОАО «Наби Фахри», 2020. – 132 с. ISBN: 9789997598073.

**[3-А]** Хамидова С.Х. Интегральная роль компетентностного образования в развитии человеческого капитала Республики Таджикистан: теория, методология, практика: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Нури маърифат, 2022. – 300 с. ISBN: 9789997575715.

### Статьи в рецензируемых изданиях

**[4-А]** Хамидова С.Х. Теоретические аспекты воспроизводства человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный //

Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 192-198. ISSN 2413 - 5151

**[5-А]** Хамидова С.Х. Исследование особенностей формирования человеческого капитала региона в среде инновационных процессов / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 11. – С. 63-70. ISSN 2413 - 5151

**[6-А]** Хамидова С.Х. Моделирование развития человеческого капитала методом системной динамики / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник таджикского университета коммерции (научный журнал). – 2019. – №1 (26). – С. 92-99. ISSN 2308054 - X

**[7-А]** Хамидова С.Х. Моделирование организации подготовки специалистов с высшим и послевузовским образованием / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – № 1 (81). – С. 214-217. ISSN 2074-5435

**[8-А]** Хамидова С.Х. Концепция формирования единой системы управления развития человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – Т 2 (82). – С. 188-190. ISSN 2074-5435

**[9-А]** Хамидова С.Х. Методологические подходы к оценке человеческого капитала региона в среде инновационного развития территорий / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 4. – С. 144-151. ISSN 2413 - 5151

**[10-А]** Хамидова С.Х. Формирование и использование человеческого капитала: сущность и взаимосвязи / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5 (2). – С. 148-156. ISSN 2413 - 5151

**[11-А]** Хамидова С.Х. Анализ различных подходов использования человеческого капитала региона в среде инновационной экономики / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 7. – С. 35-42. ISSN 2413 - 5151

**[12-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал в системе инновационного развития / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 154-160. ISSN 2413 - 5151

**[13-А]** Хамидова С.Х. Моделирование развития человеческого капитала методом прогноза потребностей / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Международная научно-теоретическая и практическая конференция Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии,

Исраиловские чтения – IX, Международного сетевого Института Росфинмониторинга и Кыргызко-Российского Славянского университета им.Б.Ельцина. Чолпон-Ата, Киргизская Республика. – 2019. – № 2 (25). – С. 234-238. ISSN:1694-7347

**[14-А]** Хамидова С.Х. Роль государства в формировании и эффективном использовании человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2019. – № 2 (49). – С. 122-126. ISSN 2077-4974

**[15-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал в среде развития инновационной экономики территорий / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2019. – № 3 (50). – С. 124-131. ISSN 2077-4974

**[16-А]** Хамидова С.Х. Оид ба масъалаи методологии таҳқиқи рақобатпазирии сармояи инсонӣ / С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – № 4 (85). – С. 219-221. ISSN 2074-5435

**[17-А]** Хамидова С.Х. Приоритетные направления развития системы образования в среде перевода экономики на индустриальный сценарий развития. / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Международная научно-теоретическая и практическая конференция Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии, Исраиловские чтения – IX, Международного сетевого Института Росфинмониторинга и Кыргызко-Российского Славянского университета им. Б.Ельцина. Чолпон-Ата, Киргизская Республика. – 2019. – №3 (26). – С. 94-101. ISSN:1694-7347

**[18-А]** Хамидова С.Х. Отечественная система образования – составляющая часть мировой системы / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук – 2020. – № 1. – С. 157-161.

**[19-А]** Хамидова С.Х. Система высшего профессионального образования в среде развития индустриально-инновационной экономики в Республике Таджикистан / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 2. – С. 35-39.

**[20-А]** Хамидова С.Х. Этапы прогнозирования потребностей региона в человеческом капитале / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 4. – С. 121-126.

**[21-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал: содержательный подход. / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Журнал Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии АН РТ. – 2020. – № 1. – С. 19-24. ISSN: 2310-3957

**[22-А]** Хамидова С.Х. К исследованию капитала здоровья человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные

записки. Серия естественные и экономические науки. – 2020. – № 1 (52). – С. 165-169. ISSN 2077-4974

**[23-А]** Хамидова С.Х. К вопросу о методологическом подходе организации компетентностной стратегии развития системы высшего образования / С.Х. Хамидова, Л.Х. Саидмуродзода. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2022. – № 7. – С. 21-28. ISSN 2413-5151

**[24-А]** Хамидова С.Х. К вопросу о роли компетентности и компетенций в формировании человеческого капитала / С.Х. Хамидова, Л.Х. Саидмуродзода. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2022. – № 2 (61). – С. 160-167. ISSN 2077 - 4974

[25-М] Хамидова С.Х. Мақоми таҳсилот ҳамчун ҷузъи асосӣ дар ташакулёбии сармояи инсонӣ / К.Х. Хушвахтзода, С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. – Душанбе: Сино, 2022. – №10. – С. 112-117. ISSN 2413-5151

[26-М] Хамидова С.Х. Муқарраротҳои методологӣ ва консептуалии идоракунии стратегии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамикунонӣ / К.Х. Хушвахтзода, С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 1. – С. 5-10. ISSN 2413-5151.

### Статьи на конференций и в других изданиях

**[27-А]** Хамидова С.Х. Подходы прогнозирования потребностей региона в человеческом капитале / С.Х. Хамидова // Современная экономика: актуальные вопросы, достижения и инновации: Сборник статей XXIX международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение». – 2019. – С. 96-99. ISBN 978 - 5- 00159 - 037- 8

**[28-А]** Хамидова С.Х. Источники инвестиций в человеческий капитал региона / С.Х. Хамидова // Сб. стат. науч. практич. конференции преподавателей, магистрантов Худжандского научного центра академии наук при Президенте Республики Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2019. – С. 411-416. ISBN 978 - 99975 – 39 - 30 - 4

**[29-А]** Хамидова С.Х. Прогнозирование потребностей экономики региона в человеческом капитале на перспективу / С.Х. Хамидова // Сборник статей научно-практической конференции преподавателей, магистрантов Худжандского научного центра академии наук при Президенте Республики Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2019. – С. 416-426. ISBN 978 - 99975 - 39 - 30 - 4

**[30-А]** Хамидова С.Х. К исследованию сущности экономики знаний / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, Н.М. Рахматова // Материалы областной научно-практической конференции «Процесс индустриализации страны: история и

современное состояние» – Худжанд; Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 262-265.

**[31-А]** Хамидова С.Х. Индустриальный сценарий развития экономики в вопросе моделирования потребностей промышленного комплекса выпускников вуза / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, С.А. Истамова // Процесс индустриализации страны: история и современное состояние: Материалы областной научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 259-263.

**[32-А]** Хамидова С.Х. Прогнозирование потребностей экономики знаний в человеческом капитале в среде развития цифровой экономики / С.Х. Хамидова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 103-105. УДК-37.0 ББК-74.03(5) (в соавторстве)

**[33-А]** Хамидова С.Х. Модернизация системы высшего образования и его обеспечение информационными ресурсами / С.Х. Хамидова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 109-112. УДК-37.0 ББК-74.03(5)

**[34-А]** Хамидова С.Х. Повышение качества подготовки специалистов в среде развития цифровой экономики / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, Н.М. Рахматова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 152-155. ББК- 74.03(5) УДК-37.0

**[35-А]** Хамидова С.Х. Роль современных информационных и коммуникационных технологий в развитии экономики Республики Таджикистан / С.Х. Хамидова, Ф.А. Курбонова, А.Ж. Зокиров, Н.М. Рахматова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 210-214. ББК- 74.03(5) УДК-37.0

**[36-А]** Хамидова С.Х. Приоритетные направления совершенствования управления качеством подготовки специалистов с высшим профессиональным образованием / С.Х. Хамидова, Н.М. Рахматова // GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2021: CENTRAL ASIA» No. 3(14). OCTOBER 2021 SERIES "ECONOMIC SCIENCES": Сборник материалов международной научно-практической конференции (г. Нур – Султан, 22-27 октября 2021). – Нур – Султан-Казахстан, 2021. – С. 80-84. ISSN 2664-2271

**[37-А]** Хамидова С.Х. Высшее образование в среде болонского процесса: приоритеты, тенденции и задачи на перспективу / С.Х. Хамидова // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы» (12 ноября 2021 года). Филиал

МГУ имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2021. – С. 244-249. УДК: 001:327.1 (575.3) ББК 66.4(0).1 (2Т) М- 34

**[38-А]** Хамидова С.Х. Высшее образование в системе факторов обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан / С.Х. Хамидова, Р. Мавлонов // Антикризисное управление: анализ, обзор и поиск механизмов его преодоления: Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 25-26 ноября 2021 года). – Душанбе, 2021. – С.129 – 135. ISBN 978-99985-64-29-9.

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**ТДУ: 33Т**
**ВБК: 65.9 (5 ТОҶИКӢ)**
**Х – 18**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ХАМИДОВА САРВИНОЗ ХАМРАБОЕВНА**

# НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ САЛОҲИЯТНОК ДАР ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНӢ: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.01.01 – Назарияи иқтисодии умумӣ
(иқтисоди сиёсӣ)

**Хуҷанд - 2023**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" иҷро иҷро карда шудааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Мирсаидов Аврор Бобоевич**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон<br>**Кодирова Зарина Халимовна**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ» Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон |
| **Муассиса пешбар:** | **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия «06» апрели 2024, соати 09-00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, бинои таълимии 7, аудиторияи 102, , E-mail: shamsov@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 918-78-89-38.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http:// www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи "___" _________2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шамсов И.С.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳсилоти салоҳиятнок дар ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ таҳкурсии асосӣ ба ҳисоб рафта, шарти зарурии тараққиёти иқтисодиёти миллӣ мебошад. Таҳсилоти салоҳиятнок ба омили ҳалкунандаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва баланд намудани сифати зиндагонии аҳолӣ мубаддал гаштааст, ки ҳалли масъалаҳои маҷмуавӣ ва таҳқиқоти системавии асосҳои методологии инкишофи он, инчунин истифодабарии онро дар шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Таҳқиқоти муносибатҳои методологии ташаккулёбӣ ва истифодабарии сармояи инсонӣ дар ҳамбастагӣ бо таҳсилоти салоҳиятноки бо вазъияте мушкил мегардад, ки дар он ақидаи ягона байни таҳқиқотчиён оид ба муайян намудани мафҳуми “сармояи инсонӣ” вуҷуд надорад, ки сабаби дарки гуногуни таркиби он ба ҳисоб меравад. Масъалаи таҳқиқоти методологии асосҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии таркиби сармояи инсонӣ, маҷмуи омилҳои ба инкишоф ва истифодаи самараноки он дар шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, коркарди муносибатҳо ба таъминоти оптималии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва ҷамъият ба сармояи инсонӣ бо дарназардошти хислатҳои додашудаи ҷисмонӣ, фарҳангӣ, таҳсилот ва тахассуснокии касбии он дар макон ва вақти муайян ба зумраи масъалаҳои мубрам ҳамроҳ менамояд.

Таҳлили корҳои илмии олимони хориҷи дуру наздик, инчунин таҳқиқотчиёни ватанӣ имкон дод чунин хулосабарорӣ намоем, ки ягонагии таркиби сармояи инсонӣ – саломатӣ, таҳсилот ва малакаҳои касбӣ-тахассусӣ бо баробари тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷаҳонӣ аз таркиби салоҳиятнокии таҳсилотии сармояи инсонӣ тамоюли афзуншавии вобастагиро дорад. Чунин вазъият ҳамчун сабаби таҷдиди равандҳои дар низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ ва махсусан низоми таҳсилоти олии мамлакат ба миён меомада хизмат менамояд.

Таҳсилоти салоҳиятнок барои таъсиси заминаҳои баланд намудани рақобатпазирии сармояи инсонии ватанӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва ҷаҳонӣ ба воситаи ташкили омодакунии касбӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳаракаткунандаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ на танҳо дар бозори меҳнати дохилӣ, балки дар бозори байналмилалии меҳнат нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти чунин хислатҳо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки “Бо мақсади мусоидат намудан ба касбомӯзии шаҳрвандон, аз он ҷумла ҷавонон, ба Ҳукумати мамлакат зарур аст, ки дар асоси таҳлили вазъияти бозори меҳнати дохилӣ ва беруна, лоиҳаи барномаи миёнамуҳлати тайёркунии кадрҳои касбии ибтидоӣ ва миёна дар байни ҷавонон барои соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ коркард ва амалӣ намоянд. Ба вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, инчунин рушди иқтисод ва савдо супориш дода мешавад, ки дар асоси таҳлили ҳаматарафа бо мақсади фаъолияти пурсамари муассисаҳои ибтидоии

таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзии калонсолон дар тули ду моҳ ба Ҳукумат пешниҳодҳои худро доир ба ислоҳоти низоми идоракунӣ дар ин муассисаҳо пешкаш намоянд. Дар ин росто вазифаи аввалиндараҷаи ҳама шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтори давлатӣ ва соҳибкорон таъсисдиҳии ҷойҳои нави корӣ ва пурра фаро гирифтани аҳолӣ бо шуғл ба ҳисоб меравад. Ба Ҳукумати мамлакат бояд бо истифода аз ҳама имконияtҳо бахри фарогир намудани шаҳрвандони аз синни 18 - сола калон, ки дорои касб намебошанд, чораҳои зарурӣ андешида шуда, барои бо касб фарогир намудани тамоми аҳолии кишвар то соли 2026 чораҷӯӣ намоянд”[2].

Зарурати объективонаи муқаррар намудани вобастагии миқдорӣ байни эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони салоҳиятноки дорои маълумоти олии касбӣ ва баромадан аз низоми таҳсилоти олӣ, асосноккунии назариявӣ ва амалии консепсияи таҷдиди низоми таҳсилоти олиро тақозо менамояд, ки дар раванди таъминоти оптималии эҳтиёҷоти иқтисодиёт бо сармояи инсонӣ нақши муассир доранд. Чунин зарурат мубрамият ва самти таҳқиқоти мазкурро муайян намуд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таҳқиқи нақш ва мавқеи сармояи инсонӣ, махсусан ба таркиби таҳсилотии он дар таъминоти самаранокии баланди иқтисодӣ аз лаҳзаи эътирофи омилҳои ғайришайъӣ – дониш ва малакаҳои касбӣ (хусусан қобилиятҳои соҳибкорӣ ва идоракунӣ) дар баланд намудани ҳосилнокии меҳнати коргарон, диққати махсус зоҳир менамоянд. Зеро онҳо барои таъминоти рақобатпазирии баланди мол ва хизматҳои аз тарафи корхонаҳои ватанӣ истеҳсол мешуда дар бозорҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ заминаҳои мусоидро фароҳам меоваранд.

Кӯшишҳо барои таҳқиқи роҳҳои баланд намудани вазни қиёсии таркиби ғайришайъии истеҳсолот – дониш дар маҳсулот ва хизматҳои аз тарафи корхонаҳо ва муассисаҳо истеҳсолмешуда, ба он оварда расонид, ки шиддатнокии таҳқиқотӣ афзоиш ёфта, муносибатҳои нав ва воситаи институтсионалӣ бештар ба ин раванд ҷалб карда шуданд. Яке аз самтҳо дар ин росто, ҷустуҷӯи вобастагии сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар мамлакат аз таркиб ва сохтори захираҳои меҳнатӣ баромад мекунад, ки дар раванди такрористеҳсоли васеъ дар кишвар иштирок менамоянд.

Дар байни таҳқиқотчиён, ки корҳои худро ба таҳлили баҳамвобастагии сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва низоми таҳсилот, хусусан таҳсилоти олӣ бахшидаанд, асарҳои илмии чунин олимонро қайд намудан зарур аст, Э. Денисон, Ҷ. Кендрик, С. Кузнетс, Ф. Махлуп, инчунин корҳои илмии иқтисодчиёни муосир Б.А. Херн, Й. Батен, Д. Крейен, Б. Ван Леувен, П. Фёльдвар, Ё. Годо, Ю. Хаями, К. Голдин, Л. Катс, Д. Митча, инчунин таҳқиқотчиёни рус В.И. Марцинкевич (асосан дар

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 [маводи электронӣ]. URL: http://president.tj/ru/node/29824 (санаи истифодабарӣ: 04.02.2023).

маводҳои ИМА), В.А. Мелянтсев, Ю.П. Бокарёв, Л.И. Бородкин, Е.Т. Гайдар, В.М. Кудров, А.М. Маркевич, Б.Н. Миронов, А.Н. Пономаренко, Р.М. Нуреев, В.Т. Рязанов, В.С. Симчери, А.Г. Фонотов, Г.И. Ханин, Б.М. Шпотов, Е.Н. Геворкян, А.Я. Рубинштейн, В.Н. Сквортсов, В.В. Чекмарев, В.Е. Гимпелсона, И.А. Денисова, Р.И. Капелюшников, О.В. Лазарева, А.Л. Лукянова, И.А. Майбуров, И.О. Малтсева, С.Ю. Рощина, К.З. Сабирянова, Е.М. Авраамова, В.К. Бочкарева, М.К. Горшков, А.Б. Докторович, В.М. Жеребин, Г.А. Ключарёв, Я.И. Кузминов, В.А. Мау, И.В. Соболева ва дигарон.

Муҳиммияти гузариш ба муносибати салоҳиятноки омодакунии мутахассисон бо маълумоти олии касбӣ аз тарафи шумораи зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, аз он ҷумла: А.Б. Звездова, В.Г. Орешкин, М.М. Ермолович, В. Хмел, В.С Куняткина, Н.Ю. Федорова, О.Н. Кондрашкина, Е.С. Горбатко, А.Э.Федоров, С.Е. Метелев, А.А. Соловев, Е.В. Инякова, Э. Брускин, Дж. Равен, Р. Харисон, И. Хейтс, Т.Ю. Базаров, В.Н., Бобков, Н.А. Волгин, Г.П. Гагаринская, Е.В. Галаева, Б.М. Генкин ва дигарон. Дар корҳои илмии олмиони номбурда муҳиммияти саривақтӣ ва афзалиятҳои модели салоҳиятноки омодакунии мутахассисон бо маълумоти олии касбӣ нисбат ба модели ба дониш нигаронидашуда асоснок карда шудаанд.

Ба таҳқиқоти мавқеъ ва нақши таҳсилот дар инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ ва иқтисодиёт умуман корҳои илмии И.В. Абанкин, Т.В. Абанкина, М.Л. Агранович, С.А. Беляков, Т.Л. Клячко, Г. Беккер, Т. Шултс, дар фарҳанг А.Я. Рубинштейн, А.Б. Долгин, А.И. Дымников, Б.А. Сорочкин, Л.И. Якобсон, инкишофи тандурустӣ Л.Д. Попович, О.А. Кислитсин, А.Ю. Шевяков, С.В. Шишкин, низомҳои интеллектуалӣ М.Е. Дорошенко, илм ва низоми инноватсионии миллӣ А.Е. Варшавский, В.А. Васин, О.Г. Голиченко, Л.М. Гохберг, И.Г. Дежин, А.А. Динкин, Н.И. Иванова, В.Л. Макаров, Л.Э. Миндели ва дигарон, инчунин масъалаҳои демографӣ Е.М. Андреев, А.Г. Вишневский, Л.Е. Дарский, В.Б. Жиромская, В.А. Ионтсева, Ю.А. Поляков, Л.Л. Рибаковский, А.А. Саградов, Т.Л. Харков ва дигарон ифода ёфтаанд.

Масъалагузории иҷтимоӣ-иқтисодии ба ин монанд дар маводҳои мамлакатҳои хориҷӣ дар маркази диққати доираи васеъи олимон, аз он ҷумла: М.Б. Колчугина (таҳсилот), К.М. Гасратян (фарҳанг), И.В. Бушмарин, Э.Д. Вилховченко, А.А. Соболевская ва А.К. Попов, Р.И. Тсвилева (бозори меҳнати тахассуснок) қарор гирифтаанд.

Таҳқиқотчиёни ватанӣ Р.К. Раҳимов, А. Ҷураева, Л.Х. Саидмуродов, Н.Д. Шерова, И.С. Шамсов, Р.М. Бобоҷонов, Ш.Ш. Қодиров, З.Б. Акрамова, З.Х. Қодирова, Д.А. Ҳодиев, И.С. Хоркашов, А. Акрамов, Ш.М. Исмаилова, Н.Р. Абдулло-Зода, Р.А. Мавлонов, С.И. Исломов, С. Саидова, М. Каримов ва дигарон дар таҳқиқи низоми такрористеҳсоли мутахассисон бо маълумоти олӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Аз рӯи натиҷаи омӯзиши таҳқиқотҳо дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ аз тарафи муаллиф чунин хулосабарорӣ карда шудааст:

•бисёр ҷиҳатҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ ва тағйирёбии рушди нишондиҳандаҳои он дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мавриди таҳқиқи васеъ то ҳол қарор доранд, лекин вобастагии инкишофи сармояи инсонӣ аз дигаргуншавии таҳсилоти олӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст;

•таҳқиқоти дараҷаи таъсиррасонии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ ба тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад;

•нисбатан муҳим ва объективона зарур, мутобиқшавии тавсифи сармояи инсонии мамлакат ба эҳтиёҷотҳои дурнамои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳолати асосноккунии илмӣ-амалии таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун зинаи алоқамандкунандаи байни илм ва истеҳсолот татбиқшаванда мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки инкишофи таҳсилоти салоҳиятнок дар мамлакат алоқаманд мебошад, ки онҳо ба сифати самтҳои зарурӣ дар Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон (СМРМТ) барои давраи соли 2020 ва барои соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 (СМР – 2030) муқаррар шудаанд. Инчунин диссертатсия дар чорчӯбаи мавзуи таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" дар давраҳои солҳои 2015-2020 ва 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ-методологии нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ ба воситаи таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар раванди таҳқиқот чунин вазифаҳо муқаррар ва ҳал карда шуданд:

•кушода додани табиати таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ, ҳамчун маҷмуи донишҳои баҳамалоқаманд ва асоснокшудаи донишҳои назариявӣ ва амалии шахсият;

•ҷудо намудани сарчашмаҳои инвеститсионии инкишофи таркиби таҳсилотии салоҳиятноки сармояи инсонӣ, ҳамчун ифодаёбандаи интегралии натиҷаҳои сармоягузорӣ барои шахсият;

•таҳлил намудани унсурҳои сохтории сармояи инсонӣ, махсусан таркиби таҳсилотии салоҳиятноки он;

•асоснок намудани нақши марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда (инқилоби саноатӣ) дар инкишофи сармояи инсонӣ;

•асоснок намудани тартиби муқаррар намудани алоқаҳои миқдорӣ ва сифатии байни таҳсилоти олии салоҳиятнок ва хоҷагидории миллӣ дар муҳити саноатикунонии босуръат;

•таҳқиқи иштироки шахсият дар раванди такрористеҳсоли васеъи сармояи инсонӣ, маъсусан оид ба самтҳои афзалиятноки омодакунии мутахассисон барои иқтисодиёти миллӣ;

•асоснок намудани муҳиммияти таҳқиқоти низомии масъалаи инкишоф ва истифодабарии самараноки таркиби салоҳиятнокии таҳсилоти сармояи инсонӣ;

•коркарди модели тақлидии (имититатсионии) ҷорӣ намудани алоқамандиҳои миқдорӣ ва сифатӣ байни низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ ва иқтисодиёти миллӣ;

•муқаррар намудани самтҳои таҷдиди таҳсилоти салоҳиятнок дар омодакунӣ ва истифодабарии самараноки мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ;

•таҳлили вазъи муосир ва тамоюли омодакунии ҳайати профессорону омӯзгорони салоҳиятнок ва пурра намудани онҳо бо шахсиятҳои дорои дараҷаи илмӣ;

•муайян намудани вобастагии байни сатҳи дониши иштирокчиёни раванди таҳсилот дар мактабҳои олӣ ва шиддатнокии истеҳсолот ва истеъмоли дониш;

•асоснок намудани самтҳои асосии инкишофи ҳадафноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Объекти таҳқиқот раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

**Мавзуи таҳқиқот**. Предмети таҳқиқот маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар ақидае ифода меёбад, ки мутобиқи он муқаррар намудани алоқаи миқдорӣ байни таҳсилоти салоҳиятнок ва ҳадафҳои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ (ба воситаи коркард ва ҷорӣ намудани моделҳои тақлидӣ (имитатсионӣ) мумкин аст заминаҳои таҷдиди назарраси низоми таҳсилоти олиро бо мақсади ташкили омода намудани мутахассисон дар доираи самтҳои афзалиятнок бо дарназардошти гуруҳҳои мутахассисони барои иқтисодиёт ва ҷамъият дар давраи дарозмуддат зарурбуда, таъсис дода шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** пажуҳишҳои фундаменталӣ ва амалии равияи кейнсӣ, институтсионализм, консепсияҳои низомҳои назариявӣ, иқтисодиёти дониш, ҷамъияти иттилоотӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаҳои дарозмуддати давлатӣ, низоми стандартҳои байналмилалӣ доир ба ташаккулёбӣ, инкишоф, такрористеҳсол ва истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ ва таркиби таҳсилии он ташкил намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** принсипҳо ва заминаҳои назарияи иқтисодии институтсионалӣ, махсусан “назарияи пайгирии” институтсионалӣ, коркарди моделҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ ташкил кардаанд. Дар диссертатсия барои таҳлил чунин усулҳо ба монанди: абстраксияи илмӣ, баҳодиҳии экспертӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, пешгӯикунӣ, моделсозии математикӣ бо истифода аз барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо васеъ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот** маҷмуи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқотӣ** дар асоси омӯзиши маводҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, диссертатсияҳои докторӣ ва номзадӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда, маълумотҳои ибтидоӣ монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо, ҳисоботҳои институтҳои таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, маҷмуи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои чопшудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзуи таҳқиқот, пажуҳишҳои шахсии довталаб ва дигарҳо баромад карданд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пояи кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров дар марҳилаи аз соли 2016 то 2023 иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии назариявӣ-методологии нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ ба воситаи таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмиро ифода мекунанд, инҳо мебошанд:

- дар асоси таҳқиқоти ҳолатҳои назариявӣ ва принсипҳои илмии назарияҳои классикӣ, кейнсӣ ва институтсионалӣ маънидодкунии таркиби таҳсилоти салоҳиятноки инкишофи сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои назариявӣ ва амалии баҳамалоқаманд ва бо ҳам асоснокёфтаи шахсият муқаррар карда шудааст, ки дар соҳаи таҳсилоти расмӣ ба даст оварда шуда, дар намуди давомнокии соли таҳсил вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо ва сатҳи таҳсилот баҳогузорӣ карда мешавад;
- муқаррар карда шудааст, ки таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ бо худ инъикоси интегралии натиҷаҳои сармоягузориҳо барои шахсиятро ифода менамояд, ки дар байни онҳо мавқеи муайянкунандаро хароҷот барои таҳсилот ва нигоҳдории саломатӣ ишғол менамоянд. Сарчашмаҳои сармоягузориҳо хароҷоти давлат, оила ва шахсият бо баробари ҷалб намудани ӯ ба меҳнати ҷамъиятӣ, хароҷот барои

муҳоҷират ва ҷустуҷӯи иттилоот оид ба имкониятҳои бо ҷои корӣ мутобиқи тахассуси касбӣ таъмин шудан, хароҷоти кордиҳанда барои азнавтайёркунӣ ва баланд намудани тахассуснокӣ, хароҷоти институтҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хайриявӣ, ки ҳаҷми онҳо бо баробари баландшавии таркиби касбӣ-тахассусии сармояи инсонӣ афзоиш меёбанд;

•муайян карда шудааст, ки сармояи инсонӣ бо худ ягонагии сармояи саломатӣ, сармояи таҳсилот ва сармояи касбиро ифода мекунад, ки нақши ҳалкунандаро таркиби таҳсилотии салоҳиятнокӣ иҷро мекунад. Тавсифи сармояи инсонӣ ва хусусан таркиби таҳсилоти салоҳиятноки он дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ифода меёбад. Арзиши сармояи инсонӣ ва таркиби таҳсилоти салоҳиятноки он дар раванди ташаккулёбӣ ва татбиқи он муайян мегардад, ки аз хислат ва мавҷудияти эҳтиёҷоти ҷамъият ба сармояи инсонӣ ва шиддатнокии истеъмоли он вобастагӣ дорад;

•асоснок карда шудааст, ки ҳар як марҳилаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда (инқилоби саноатӣ) дар инкишофи сармояи инсонӣ нақши муассир дорад, зеро ин марҳилаҳо аз ҳамдигар бо хислати тарбия ва таълимоти умумӣ (фарҳангӣ-ахлоқӣ, институтсионалӣ ва ташкилӣ-соҳибкорӣ), касбӣ ва фаъолияти меҳнатӣ (васеъшавии такрористеҳсоли ҳама намудҳои фаъолияти инсонӣ) фарқ мекунанд;

•исбот карда шудааст, ки мушкилоти назариявии такрористеҳсоли васеи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ асосноккунии илмӣ-амалии алоқамандиҳои байни таҳсилоти салоҳиятнок ва иқтисодиёти миллӣ дар муҳити саноатикунонии босуръат боқӣ мемонад, ки дар таъминоти оптималии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ бо дарназардошти гурӯҳи ихтисосҳо дар оянда ифода меёбад;

•асоснок карда шудааст, ки дар муҳити саноатикунонии босуръат, шахсият бо донишҳои назариявӣ ва амалии қавӣ доро буда, метавонад дар раванди такрористеҳсоли васеъ иштирок кунад, зеро эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва ҷамъият ба мутахассисони салоҳиятнок, созандагӣ (креативӣ) ва инноватсионӣдошта афзоиш меёбанд. Ин раванд мутобиқи самти болораванда ба афзоиши эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва ҷамъият ба қисми созандаи (креативии) сармояи инсонӣ, бахусус аз рӯи эҳтиёҷотҳои ояндабинона оварда мерасонад;

•ақидае пешкаш карда шудааст, ки барои баҳодиҳии самаранокии истифодабарии таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ бояд ба аввалияи таъминоти самараноки иқтисодӣ нисбат ба самаранокии истифодабарии таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ диққат додан зарур аст, ки ягонагии умумӣ ва хусусиро исбот менамояд, яъне муҳиммияти таҳқиқоти низомии масъалаи инкишофи самараноки истифодабарии таркиби таҳсилоти салоҳиятнокии сармояи инсонӣ ва нақши он дар инкишофи сармояи инсониро ифода менамояд;

•модели тақлидӣ (имитатсионӣ) коркард шудааст, ки имконияти муайян намудани алоқаи миқдорӣ ва сифатии байни таҳсилоти салоҳиятнок ва комплекси саноатиро фароҳам оварда, бо дарназардошти

пешгӯикунии эҳтиёҷоти тараққиёт дар соҳаи фаъолияти инсон бо афзоиши талабот ба дониш, пешниҳоди вазорату идораҳо, ҳисоб намудани эҳтиёҷоти иқтисодиётро ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта ва коркарди рақамҳои назоратии қабул ва барориши МТОК дар фосилаи вақт барои омода намудани мутахассисонро имкон медиҳад;

•асоснок карда шудааст, ки таҷдиди таҳсилоти салоҳиятнок бояд ба аввалияи эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисон бо маълумоти олӣ ва дуюмин ба мутобиқати низоми супоришҳо барои омодакунии мутахассисон, коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои нави пешқадами таҳсилот, шабакаҳои муассисаҳои бисёрҷанбаи таҳсилот, марказҳои таълимӣ, инкишофи шаклҳои ҳамкориҳои иҷтимоӣ, таъминоти иштироки ҷамъият ва бахши аслии иқтисодиёт дар омодакунӣ ва истифодабарии самараноки мутахассисон бо маълумоти олии касбӣ равона карда шаванд;

•вазъият ва тамоюли муосири омодакунии ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ ва ғанигардонии он бо шахсони дорои дараҷаи илмӣ амалӣ карда шуда, ақидае пешкаш карда шудааст, ки дар ин соҳа омодакунии мутахассисон бо як қатор мушкилотҳо алоқаманд мебошад: фоизи миёнаи нафарони ҳимоякарда аз ҳаҷми хатмкунандагони аспирантура 11%-ро ташкил карда, боқимондаи онҳо умуман ҳимоя накардаанд, мушкилоти кӯҳнашавии мавзуи таҳқиқот, ки зиёда аз 15 солро дар бар мегирад. Дар ҳолати тағйир наёфтани вазни қиёсии диссертатсияҳои номзадӣ ҳимоя кардагон ба ҳисоби миёна ақалан то 50% ва ҳамзамон кӯтоҳшавии муҳлати умумии фаъолият аз болои диссертатсия то 6-7 сол, дараҷаи ғанигардонии илм ва маориф дар 15-20 соли минбаъда ба талаботҳои конвенсияи Болония, яъне на кам аз 60% баробар хоҳад шуд;

•муайян карда шудааст, ки чи қадаре, ки сатҳи дониши иштирокчиёни раванди таълим дар мактабҳои олӣ баланд бошад, ҳамон қадар шиддатнокии истеҳсолот ва истеъмоли дониш баланд мегардад, зеро истеҳсоли донишҳои нав ва паҳншавии онҳо аз хислати маҷмуи донишҳои назариявӣ ва амалии ба ҳамалоқаманд ва ба ҳам асосёфтаи иштирокчиёни раванди таҳсилот вобастагӣ дошта, мавқеи марказиро дар ин раванд дониш ва салоҳиятҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ишғол менамояд. Айнан ҳамин ҳолатҳо барои илми ҷаҳонӣ ва низоми таҳсилоти олӣ омили ҳалкунанда барои хоҳишмандони гирифтани донишҳои пешрафта дар мактабҳои олии бонуфуз ба ҳисоб меравад, ки дар онҳо беҳтарин профессорон ҷамъ карда шуда, шароитҳои оптималӣ барои истеҳсол ва паҳнкунии донишҳои нав таъсис дода шудаанд;

•самтҳои асосии инкишофи мақсадноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ муқаррар карда шудаанд, ки дар таъминоти самаранокии баланди такрористеҳсоли васеъ, ба воситаи такомули асосҳои институтсионалии (таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ) иштирок мекунанд, ки сохтори мутобиқшавии соҳаи талаботи афзуншавандаро ба дониш ва дастрасии чунин ҳолати таркиби таҳсилотии

сармояи инсониро ҳангоми дастрасии рақобатпазирии баланди он дар бозори ҷаҳонӣ таъсис медиҳанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- табиати иқтисодии таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам асосёфтаи назариявӣ ва амалии салоҳиятҳои шахсият кушода дода шудааст;
- сарчашмаҳои сармоягузории инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ ҳамчун ифодаёбии интегралии натиҷаҳои сармоягузориҳои шахсият ҷудо карда шудаанд;
- унсурҳои сохтории сармояи инсонӣ, хусусан таркиби таҳсилоти салоҳиятноки он таҳлил карда шудаанд;
- нақши марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда (инқилоби саноатӣ) дар инкишофи сармояи инсонӣ муқаррар карда шудаанд;
- тартиби ҷорӣ намудани алоқаҳои миқдорӣ ва сифатии байни низоми таҳсилоти салоҳиятнок дар муҳити саноатикунонии босуръат асоснок карда шудааст;
- иштироки шахсият дар ҷараёни такрористеҳсоли васеъ, хусусан оид ба самтҳои дурнамои омодакунии мутахассисони салоҳиятнок барои иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ карда шудаанд;
- муҳиммияти таҳқиқоти системавии масъалаи инкишоф ва истифодабарии самараноки таркиби салоҳиятнокии сармояи инсонӣ асоснок карда шудааст;
- модели тақлидӣ (имитатсионӣ) ҷорӣ кардани алоқамандии миқдорӣ ва сифатии байни низоми таҳсилоти салоҳиятнок ва иқтисодиёти миллӣ коркард шудааст;
- самтҳои таҷдиди низоми таҳсилоти салоҳиятнок дар омодакунӣ ва истифодабарии самараноки мутахассисон бо салоҳияти маълумоти олии касбӣ дошта муқаррар карда шудаанд;
- вазъияти муосир ва тамоюли омодакунии ҳайати салоҳиятноки профессорону омӯзгорон ва ғанигардонии онҳо бо мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд;
- вобастагии байни сатҳи дониши иштирокчиёни раванди таҳсилот дар мактабҳои олӣ ва шиддатнокии истеҳсолот ва истеъмоли дониш муайян карда шудаанд;
- самтҳои асосии инкишофи мақсадноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ муқаррар карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишоф ва такомули низоми донишҳои илмӣ оид ба таҳсилоти салоҳиятнок ва тарзҳои ташаккул, инкишофи мутобиқати сармояи инсонӣ ба ҳадафҳои хоҷагидории миллӣ ва истифодабарии самараноки онҳо дар муҳити сенарияи тараққиёти индустриалию инноватсионии иқтисодиёт ифода меёбанд. Муносибати низомӣ ба таҳқиқоти таҳсилоти салоҳиятнок, таъсири он ба ташаккулёбӣ, инкишоф ва мутобиқати сармояи инсонии

мамлакат ба мақсадҳои стратегӣ ва вазифаҳои иқтисодӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии дарозмуддат муайян карда шудаанд, ба воситаи ҷорӣ намудани алоқаи байни нақшаи қабул ва хатми мутахассисони мактабҳои олӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ пешкаш карда шудааст.

Маводҳои дар диссертатсия ифодаёфта нисбат ба таҷдиди мактабҳои олӣ ва инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ метавонанд ҳангоми таълими дарсҳои лексионӣ ва амалӣ дар мактабҳои олӣ аз фанҳои "Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисодиёти минтақавӣ", "Менеҷменти стратегӣ", "Иқтисодиёти миллӣ" ва ғайраҳо истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, сохторикунонӣ, коркард ва таҳлили захираҳои иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти мамлакат ва макбаҳои олӣ, аз он ҷумла дар асоси истифодабарии воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашриётҳои натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ватанӣ, инчунин нашри монографияҳои муаллиф муқаррар карда мешаванд. Хулоса ва пешниҳодҳо дар таҳлил ва омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эксперименталӣ асос ёфтаанд.

**Соҳаи таҳқиқот**. Диссертатсия ба талаботҳои нуқтаҳои зерини Шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонн аз рӯи самти илмии 08.00.01.01 – Назарияи иқтисодии умумӣ (иқтисоди сиёсӣ) мутобиқат мекунад:

**1. Иқтисоди сиёсӣ**: 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ, хамбастагии омилҳои моддӣ ва арзишии он; такрористеҳсоли сармояи ҷамъиятӣ ва инфиродӣ; самаранокии истеҳсолоти ҷаьмиятӣ; ҳамбастагии кувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои ниҳодӣ; таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; гуманизатсияи инкишофи иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти «иттилоотӣ», «баъдисаноатӣ» ва «иқтисоди ба дониш асосёфта»; таркиб, сохтор ва динамикаи сарвати миллӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди низомҳои иқтисодӣ.

**Саҳми шахсии довталаб** дар инкишофи илм оид ба сармояи инсонӣ ба воситаи баҳодиҳии мавқеъ ва нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар мутобиқаткунонии сармояи инсонӣ ба ҳадафҳои стратегии иқтисодиёт, дар коркарди муносибати муаллифӣ оид ба таҷдиди таҳсилоти салоҳиятнок, татбиқи сенарияи "аз дархостӣ" ба "ноилгардӣ" дар инкишофи сармояи инсонӣ асос меёбад, ки дар муқаррар намудани алоқаи байни таҳсилоти салоҳиятнок, иқтисодиёт ва ҷамъият ифода меёбад.

Мавқеи муаллиф ба ташаккул ва инкишофи таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ дар муҳити саноатикунонии босуръати

иқтисодиёт дар натиҷаҳои таҳлили омӯзишии консепсияҳои маъмули инкишофи сармояи инсонӣ ва таҳсилоти салоҳиятнок барои таъминоти эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони салоҳиятноки дорои маълумоти олии касбӣ мувофиқи тахассусҳо, асос меёбад.

Ба ғайр аз ин, иштироки шахсии муаллиф дар натиҷаҳои ба даст овардашудаи таҳқиқот дар таҳқиқи низомии назарияҳои маъмули сармояи инсонӣ ифода меёбад, ки самаранокии худро дар амалияи иқтисодиёти тараққикардаи индустриявӣ исбот кардааст, усулҳо ва муносибатҳои баҳодиҳии эҳтиёҷотҳои дурнамои иқтисодиёт ба мутахассисони салоҳиятноки дорои маълумоти олии касбӣ дар шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сенарияҳои тараққиёти иқтисодӣ, инчунин дар ҷамъоварӣ, низомбандӣ, коркард, таҳлил ва пешниҳоди маънидодкунии муаллифии натиҷаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла иҷроиши пешгӯикуниҳои бисёрҷабҳаи эҳтиёҷот ва пешниҳодҳои мактабҳои олӣ бо дарназардошти давраҳои алоҳида ва мутахассисон, тарзи истифодабарии онҳо дар танзими инкишофи мактабҳои олӣ дар давраи дурнамо, ифода меёбанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ (2018 - 2022), ҷумҳуриявӣ (2018 - 2023) ва донишгоҳӣ (2016 - 2023), семинарҳои илмии олимони муҳаққиқ, аспирантон ва довталабони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018 - 2023) пешниҳод карда шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ дар як қатор маҷаллаҳои бонуфузи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд: “Маҷаллаи интернетии иқтисодии Русия”, “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, “Номаи Донишгоҳ”, “Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон”, маҷаллаи “Кишоварз”-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур ва дигарон.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи фандҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Менеҷменти стратегӣ”, “Иқтисодиёти миллӣ” ва ғайраҳо васеъ истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯи маводҳои диссертатсия 38 адад кор дар ҳаҷми 43,23 ҷ.ш.ч. ба чоп расонида шудааст, ки аз он 23 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 монография.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** бо дарназардошти объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муқаррар карда шудаанд. Диссертатсия аз сарсухан, чор боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Кор дар 405 саҳифа баён шуда, дар он 33 ҷадвал, 9 расм ва 11 замима ҷойгир карда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 480 сарчашмаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии муаммои таҳқиқшаванда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

асоснок карда шуда, навгонии илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум “Муносибатҳои назариявӣ ба таҳқиқи сармояи инсонӣ ва асоси таркибии таҳсилотии он”** қайд карда мешавад, ки яке аз мафҳумҳои фундаменталии назарияи иқтисодӣ, ки дар муайян намудани он то ҳол байни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад, сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки барои баҳодиҳии мантиқ ва таркиби мафҳуми сармояи инсонӣ ва тамоюли тағйирёбӣ ва таҳаввули он, таҳқиқотчиён муносибатҳои гуногунро пешкаш менамоянд. Дар ҷодаи таркибӣ (вобаста аз унсурҳои ташакулёбии онҳо) мумкин аст ба маънидодкунии (назарияи классикии сармояи инсонӣ) ҷудо намуд, ки нишондодҳоро дар аксарияти муайянкунии сармояи инсонӣ фарогир мебошанд ва як қатор маънидодкуниҳо нишондодҳои иловагиро дар бар мегиранд. Ба ин нишондодҳо дохил мешаванд: вазъи саломатӣ, сатҳи фарҳанг, риояи арзишҳои умумиинсонӣ, рағбатҳои рафтори инсонӣ, қобилият ба махсусгардонӣ – воридшавӣ ба коллектив ва ҷамъият, қобилиятҳои соҳибкорӣ, қобилиятҳои назариявӣ, муносибат ба фарҳанг, қобилият ба муҳоҷират, хислатҳои ҷаҳонбинӣ, арзишҳои маънавӣ, инвеститсияҳои ба даст овардашуда ва давомёбанда, даромад, натиҷагирии фаъолият, идоракунии сармоя дар ҳали вазифаҳои касбӣ, қобилият ба ҳалли вазифаҳои ғайриоддӣ, қобилият ба рағбати маънавии дигар аъзоёни ҷамъият, муносибат ба сармояи интеллектуалии ташкилот, муносибат ба манфиатҳои корхона, ки ҳамаи ин унсурҳои фарққунандаи маънидодкунии муаллиф аз маънидодкуниҳои стандартии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравaнд. Масалан, нишондодҳои “сатҳи фарҳанг” ва “ҳавасмандгардонӣ” мутобиқи асосҳои менеҷменти муосир, чун таркиби асосии фаъолияти ширкатҳо ва ташкилотҳо баромад мекунанд. Чунин муносибатҳоро то дараҷае кӯшиши муваффақи баҳодиҳии самаранокии сармояи инсонӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро ҳавасмандии ҳайати кормандон, сатҳи фарҳанги истеҳсолӣ ва истеъмолӣ имкон фароҳам меоварад, ки муҳити мусоиди ҳадафҳои афзалиятноки ташкилотро нисбат ба мақсадҳои ҷузъҳо, гурӯҳҳои алоҳида ва шахсият таъсис диҳанд, ки дар навбати худ омили асосии таъминоти самараноки ташкилот ва корхона ба ҳисоб меравaнд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки сармояи инсонӣ ба воситаи маҷмуи муносибатҳо ва мутобиқшавии манфиатҳои шахсият, сармояи инсонии ташкилот, минтақа ва мамлакат ифода меёбад. Мутобиқшавии манфиатҳои дорандагони сармояи инсонӣ дар сатҳи мамлакат ва ҷамъият васеъшавӣ ва инкишофи нишондодҳои сармояи инсонии маҷмуи шахсиятҳо дар ҷодаи мутобиқат ба таркибҳои сармояи инсонии шахсият, ташкилот, минтақа ва мамлакатро тақозо менамояд. Иштироки фаъолона дар раванди татбиқи меҳнати илмталаб ва технологияи пешқадам имкон медиҳад, ки маҳсулоти илмталаб ва аз ҷиҳати техникӣ баланд ва хизматҳои мувофиқ, рақобатпазир дар бозорҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонии мол ва хизматҳо истеҳсол карда шаванд.

Дар таҳқиқоти мазкур қайд карда мешавад, ки ташаккулёбии таркиби таҳсилоти салоҳиятноки сармояи инсонӣ бояд аз марҳилаи базавӣ – таҳсилоти томактабӣ оғоз ёбад, ки дар он шахсият дар худ таълимоти умумӣ, фарҳанг ва анъанаҳои маҳаллиро ташаккул медиҳад. Дар ин марҳила ба сифати инвесторон оила, давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо баромад мекунанд. Марҳилаи ибтидоии иҷтимоиро гузашта, хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба мактаби умумии миёна мегузарад, ки дар он ҷо донишҳои зарурии стандартиро мегирад, ки барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва мактабҳои олӣ, инчунин иштирок дар раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ зарур ба ҳисоб рафта, салоҳиятҳои худро истифода мебаранд, дар раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ иштирок мекунанд ва ё ба марҳилаи минбаъдаи махсусгардонӣ мегузаранд. Барои ҷамъият фоидаовар аст, то ки шахсият таркиби таҳсилоти салоҳиятноки худро васеъ ва инкишоф дода, бо баробари мутахассиси баландихтисос гардидан ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда шавад. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки стратегияи "таҳсилот дар давоми ҳаёт" нисбат ба стратегияи "таҳсилот барои ҳаёт" афзалият дорад. Таҳлили низомӣ-омӯзишии корҳои илмии таҳқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки варианти беҳтарин стратегияи "таҳсилот дар давоми ҳаёт" ба ҳисоб меравад, зеро ин стратегия ба шахсият имкон медиҳад, ки ҳама вақт дар бозорҳои меҳнати маҳаллӣ ва ҷаҳонии баландихтисос рақобатпазир бошад (расми 1).

Таъминоти инкишофи самарноки низоми таҳсилоти салоҳиятнок дар муҳити номбурда ва зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ, низоми таҳсилоти олӣ (Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои давраи соли 2030) асосноккунии илмӣ-амалӣ ва методологии ташкилӣ-методологӣ ва қарорҳои идоракуниро боз ҳам муҳимтар мегардонад, ки барои гузариш ба низоми таҳсилоти олии ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда равона карда шудаанд.




**Расми 1. – Ташаккулёбӣ ва истифодабарии таркиби таҳсилотии салоҳиятноки сармояи инсонии мамлакат**

Дар натиҷаи таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ, ки мафҳумҳои "салоҳиятнокӣ" ва "салоҳият"-ро тавсиф мекунанд, аз тарафи муаллиф нигоҳи хусусии чунин мафҳумҳо бо мақсади асоснок намудани интихоб ва татбиқи маҷмуи қарорҳо пешкаш карда шудааст, ки имконияти таъсис додани шароитҳои мусоиди инкишофи стратегияи (модели) салоҳиятнокии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти низомии мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мувофиқи он ин ду мафҳум ҳамдигарро пурра мегардонанд. Муаллиф маънидодкуниро дар чунин шакл пешкаш кардааст: "салоҳиятнокӣ (шахсият, гурӯҳҳои шахсият) – ин маҷмуи хислатҳои касбӣ-тахассусии онҳо дар соҳаи муайяни фаъолияти инсонӣ мебошад, ки барои бо тарзҳои муваффақ ва нисбатан самаранок вазифаҳои гузошташударо бо дарназардошти сифати муқарраргардида ва муҳлатҳои муайян иҷро намояд", "салоҳият бошад, ин қобилияти дорандаи сармояи инсонӣ бо хислатҳои касбӣ-тахассусӣ мебошад, ки онҳоро барои асосноккунии илмӣ-амалии ҳалли масъалаҳо дар ҳолати дигаргуншавии муҳити бруна ва норасогии мутасили захираҳои дохилӣ (ташкилот, шахсият, гурӯҳҳои шахсият) сарҷамъ карда, барои ҳифзи манфиатҳои дурнамои субъекти идоракунии касбҳои серталаб қарорҳои дахлдор қабул намояд"[3].

Таҳлилҳои муаллиф собит менамоянд, ки индивид салоҳиятҳои худро дар раванди фаъолияти худ, новобаста аз намуди он (таҳсилотӣ, меҳнатӣ, фароғат ва ғайраҳо) ифода менамояд. Салоҳиятнокӣ ҳамчун категория метавонад аз тарафи дорандаи сармояи инсонӣ дар раванди амалигардонии фаъолияти муайян ва фишангҳо барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда ифода ёбад. Бо баробари ин салоҳиятнокӣ ҳамчун категория қобилияти дорандаи сармояи инсониро дар назар дорад, ки барои ҳалли самараноки масъалаҳои ғайриоддӣ бо истифода аз малакаҳои аниқ ва таҷрибаи ҷамъшуда истифода шавад.

Аз тарафи муаллиф хулоса карда шудааст, ки мутобиқи он муҳимияти гузариши низоми таҳсилоти олӣ ба стратегияи салоҳиятнокӣ бо он исбот карда мешавад, ки таҳсилоти танҳо барои ба даст овардани дониш нигаронидашуда, дар давраи муосир таъинот ба гузаштаро дар назар дорад. Дар шароити дигаргуншавии вазъияти ҷаҳон, низоми таҳсилот бояд чунин салоҳиятҳои калидиро ба монанди таълимгирӣ, ибтикорот, навоварӣ, ҳаракатнок, чандир, тағйирёбанда ва судмандро ташаккул диҳад.

Мутахассиси дорои маълумоти олӣ бояд на танҳо бо донишҳои чуқур, назариявии афзуншаванда, балки дорои салоҳиятҳо бошад, ки барои истифодабарии самараноки онҳо дар фаъолияти касбии худ имконият ба даст оварад, то ки аз ҳама гуна вазъиятҳои ногувор баромада тавонад. Таҳсилоти салоҳиятнок имкон медиҳад, ки дар таълимгиранда қобилияти хонданро ташаккул диҳад, ки бо дарназардошти инкишофи

[3] Аз тарафи муаллиф коркард карда шудааст.

афкори мантиқӣ ва эҷодкорӣ ба индивиди дорандаи хислатҳои салоҳиятнокӣ ташаккулдиҳии қобилияти босифат ва мақсаднок қабули намудани қарорҳои гуногуни техникӣ, ташкилӣ, методологӣ, касбӣ, илмӣ, методӣ ва идоракуниро фароҳам оварад. Чунин муносибат дар хатмкунандагон қобилияти истифодабарии оптималии захираҳо ва таъмини дастрасии ҳадафҳои ташкилотро бо сифати дархостшаванда ва дар муддати муқарраршуда таъмин менамояд. Вобаста ба ин гуфтаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки нишонаи салоҳиятнокӣ ин талабот ва чунин салоҳиятҳо ва омодагии кордиҳандагон барои пардохти онҳо ба ҳисоб меравад. Инчунин қайд намудан зарур аст, ки дар ҳар як индивид салоҳиятҳо нодир ва такрорнашаванда буда, онҳо имконияти тағйирёбиро вобаста ба талаботи бозори меҳнати муосир доранд.

Инчунин дар ҷараёни таҳқиқот маънидодкунии таҳсилоти салоҳиятнок муайян карда шудааст, ки чунин тавзеҳ дода мешавад: "таҳсилоти салоҳиятнок бо худ маҷмуи принсипҳои майянкунии мақсадҳои таҳсилотро ифода мекунад, ки дар таълимгирӣ, худмуайянкунӣ, худмуҳимияткунӣ ва инкишофи инфиродии донишҷӯён ифода меёбад; таркиби таҳсилот ва шаклҳои ташкилии таҳсилот, ки барои аз тарафи донишҷӯ соҳиб шудан ба салоҳиятҳои калидӣ, инчунин тарзҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таҳсилотӣ қобилият доранд"[4].

Чунин муносибат имкон медиҳад, ки таъсири таҳсилоти салоҳиятнок ба инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити муосир саҳеҳтар омӯхта шаванд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки дар ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки таркиби салоҳиятноки сармояи инсонӣ нақши муассир бояд ба давлат вогузор карда шавад, зеро давлат метавонад нақши супоришдиҳанда, инвестор ва истеъмолкунандаи хизматҳои таҳсилотиро иҷро намояд. Нақши зарурии давлат дар ташаккулёбӣ, инкишоф ва истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ бояд дар татбиқи комплексӣ-низомии маҷмуи барномаҳо ифода меёбад, ки ба воситаи фарогирии ҳадди аксари кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ ва тавсифи ин муассисаҳо дар мамлакат мутобиқи стандартҳои байналмилалии аз тарафи конвенсияи Болония қабулшуда, амалӣ карда мешавад. Барои таъмини самаранокии низоми таҳсилот, хусусан таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти олӣ, давлат ҳамчун иштирокчии манфиатдори раванди ташаккулёбӣ, инкишоф ва истифодабарии самараноки таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ бояд чунин вазифаҳоро иҷро намояд:

1) такмил додани асосҳои институтсионалии инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ, ҳамчун сарчашмаи захираҳои барқароршаванда;

2) таъсисдиҳӣ ва инкишофи асосҳои институтсионалии инкишофи манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ, бахшҳо ва соҳаҳои фаъолияти талаботи баланд ва дониш;

---

[4] Аз тарафи муаллиф коркард карда шудааст.

3) таъсисдиҳӣ ва такмили асосҳои институтсионалии инкишофи муносибатҳои ҳамкорӣ байни давлат ва аҳолӣ дар ҷодаи мустаҳкамгардонӣ ва васеъшавии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ;

4) такмилдиҳии асосҳои институтсионалии ташкили ҳамкории мактабҳои олӣ ва сохторҳои истеҳсолӣ дар ҷодаи мукаммалгардонии омодакунии донишҷӯён;

5) таъмин намудани муҳити мусоид барои иштироки бахши хусусӣ дар инкишофи объектҳои таҳсилотӣ;

6) коркард ва татбиқи сиёсати стратегияи инкишофи таҳсилоти салоҳиятнок, ки дар афзоиши босуръати ҳайати донишҷӯёни мактабҳои олӣ, ҷойгиршавии мактабҳои олӣ дар ҳудудҳои мамлакат, васеъшавии таркиби ихтисосҳои хатмкунандагон ва пешсафии суръати омодакунии мутахассисон доир ба ихтисосҳои афзалиятноки дар соҳаҳои фаъолияти инсонӣ эҳтиёҷотдошта, ифода меёбанд.

**Дар боби дуюм “Муносибатҳои методологии ташкили таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ”** таҳлили низомӣ-омезишии муносибатҳо ба пешгӯикунии иқтисодиёт ба таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ гузаронида шудааст, ки аз рӯи натиҷаи он муқаррар карда шудааст, ки сармояи инсонӣ ва иқтисодиёт алоқамандии дутарафа дорад. Аз як тараф, сохтори иқтисодиёт (сохтори истифодабарии қувваи корӣ) ба шарофати афзалияти эҳтиёҷоти иқтисодиёт нисбат ба ҷараёни ташкили омодакунии онҳо ба сохтори сармояи инсонии такрористеҳсолшаванда (таркибӣ ва миқдорӣ, касбӣ ва таҳсилотӣ) таъсир расонида, аз тарафи дигар, мавҷудияти эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти индустриалӣ ва баъдииндустриалӣ (иқтисодиёти дониш) сохтори сармояи инсонӣ дар ҳолати шароитҳои мусоиди инкишофи соҳаҳо ва бахшҳои фаъолияти инсонӣ заминаҳоро таъсис медиҳанд. Чунин хислатҳо барои иқтисодиёти индустриалӣ хосанд, ки дар онҳо на танҳо воситаҳои истеъмолот, инчунин воситаҳои истеҳсолот офарида шуда, муносибатҳои содиротӣ-воридотии мамлакат бо содироти маҳсулоти илмталаб ва технологияи баланд ва хизматҳои ба он вобаста тавсиф карда шуда, оид ба иқтисодиёти истеҳсолкунандаи сармоя шаҳодат медиҳанд.

Дар таҳқиқот диққати махсус ба раванди омодакунии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ҳамчун таркиби органикии сармояи инсонӣ зоҳир карда шудааст, ки мувофиқи ақидаи муаллиф он бояд ба нишондиҳандаҳои пешгӯикунии дарозмуддати эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони гурӯҳи тахассусҳо асос ёфта, истифодабарии мақсадноки хароҷоти маҳдудро барои омодакунии мутахассисон таъмин намояд ва аз тарафи дигар таъминоти ҳадди аксари эҳтиёҷоти иқтисодиётро ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ аз рӯи гурӯҳҳои тахассусҳои барои иқтисодиёт зарур таъмин кунад.




**Расми 2. – Модели комплексию тақлидӣ (имитатсионӣ) пешгӯикунии эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олӣ дошта**

Дар диссертатсия ба сифати фишанги ҷорикунии алоқамандии миқдорӣ байни низоми таҳсилоти олӣ ва иқтисодиёт истифодабарии воситаи моделиронии имитатсионӣ пешкаш карда шудааст. Модели

тақлидӣ (имитатсионӣ) дар ақидае асос ёфтааст, ки мутобиқи он вобаста аз хислати захираҳои ашёвӣ (ҳаҷми умумии онҳо, воридотӣ, такрористеҳсолшаванда, такрористеҳсолнашаванда ва фаъолнокии истеъмолоти онҳо, яъне иқтидори корхонаҳо) ҷойгиркунии корхонаҳо амалӣ карда мешаванд. Нишондиҳандаи асосӣ дар ин модел ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда ва таъиноти он (воридотивазкунӣ, ба содирот нигаронидашуда), вазни қиёсии маҳсулоти корхона аз ҳаҷми умумии маҳсулот ва хизматҳои минтақаҳо, инчунин дараҷаи воридшавии иқтидори дигар корхонаҳои минтақаҳо ба сикли такрористеҳсоли васеи корхонаҳои ҷойгиршуда ва дигарҳо баромад мекунанд. Асоси ҳисоби эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ вариантҳои ҷойгиршавии корхонаи i-ро бо иқтидори j дар макони аҳолии g-ум дар соли t ташкил мекунанд.

Вариантҳои ҷойгиркунии корхонаҳо вобаста ба ҳаҷми додашудаи истеҳсоли маҳсулот барои дурнамо дар шароити истифодабарии ашёи воридотӣ ва ё ватанӣ, дар ҳолати такрористеҳсолшавӣ ва ё такрористеҳсолнашавии ашёҳо амалӣ карда мешавад. Омили асосии интихоби варианти ҷойгиршавии корхонаҳо шароити номаҳдудии ашёҳо баромад мекунад, ки аз сарчашмаҳо ва тавсифи нархии онҳо вобастагӣ дорад. Варианти интихобшудаи ҷойгиршавии маҷмуи корхонаҳои самтҳои гуногуни маҳсулотӣ барои ҳисоб намудани эҳтиёҷоти истеҳсолоти саноатӣ ба мутахассисони маълумоти олӣ дошта истифода мешавад, ки дар чунин ҳолат усулҳои васеъ паҳнгашта истифода мешаванд (расми 2).

Дар умум нишондиҳандаҳои маҷмуавии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олӣ дошта вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо доир ба солҳои банақшагирӣ ҳосил мешаванд (расми 3). Вариантҳои пешгӯикунии ба даст овардашуда, баъд аз экспертизаи навбатӣ барои коркарди рақамҳои қабул ва хатми мактабҳои олии мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд.

Расми 3 усули ҳисоби сохтори касбӣ-тахассусии эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллиро ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта ифода карда, қисми таркибии комплекси модели имитатсионӣ мебошад (расми 2). Дар асл, агар модели тақлидӣ (имитатсионӣ) баҳодиҳии миқдории сабабӣ-оқибатии байни низоми таҳсилоти олӣ ва хоҷагидории миллиро дар асоси маводҳои корхонаҳои мамлакатҳои саноатӣ тараққикарда имкон диҳад, усули дар расми 3 ифода ёфта барои мутобиқшавии касбӣ-тахассусӣ ва сохтори ихтисосҳои эҳтиёҷот ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта ба муҳити амалигардонии корхонаи ҷойгиршаванда дар шароити иқтисодиёти индустриявиро дар назар дорад.

Аз модели комплексию тақлидӣ (имитатсионӣ) (расми 2) ва усули ҳисоби эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ (расми 3) мушоҳида кардан мумкин аст, ки модели мазкур, ҳамчун механизми ташкили алоқаҳои миқдорӣ байни мактабҳои олии касбӣ ва иқтисодиёти мамлакат, имкони баҳодиҳии

умумӣ ва иловагии эҳтиёҷотро дар ҳолати мавҷудияти маълумот оид ба таркиб ва сохтори мутахассисони дар иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсонӣ машғул буда, вазъияти эҳтимолии онҳо вобаста аз таҳлили тамоюли тағйирёбии миқдории онҳо, иқтидори мактабҳои олӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ баромад мекунад.




**Расми 3. – Ҳисоби эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта мутобиқи гурӯҳи ихтисосҳо**

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки раванди инкишоф ва истифодабарии сармояи инсонӣ ва махсусан таркиби салоҳиятноки таҳсилотии он баҳодиҳанда ва идорашаванда мебошад. Баҳамвобастагӣ ва алоқамандии маҷмӯи омилҳои сармояи бо баробари макони бисёрҷабҳа буданаш, баҳодиҳии бисёрвариантии тавсифи вобастагии байни онҳоро зери таъсири маҷмӯи омилҳо тақозо менамояд (расми 4). Таҳлилҳои собит менамоянд, ки гузариш ба алоқаи маҷмуавӣ байни хислатҳои истеъмолоти хизматҳои таҳсилотии мактабҳои олӣ ва маҷмӯи омилҳои ба сифати омодакунии хатмкунандагон таъсиррасонанда бевосита таркиби салоҳиятҳои онҳо ба ҳисоб меравад.




**Расми 4. – Омилҳои ба самаранокии низоми инкишофи сармояи инсонии мамлакат таъсиррасонанда**




**Расми 5. – Модели ташаккулёбӣ ва инкишофи таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонии мамлакат – муносибати демографӣ**

Айнан вариантҳои зиёди алоқаҳо байни иштирокчиёни ташаккулёбӣ, инкишоф ва истифодабарии сармояи инсонӣ, моделсозии муносибатҳои байни онҳоро, махсусан инкишофи онро зери таъсири омилҳои демографӣ тақозо менамояд (расми 5).

Таҳқиқоти равандҳои демографии пешгӯикунанда ҳангоми пешниҳоди ақидаи он, ки дар мамлакат алоқамандии устувор байни таҳсилот ва иқтисодиёт дар ҷодаи таъминоти эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба сармояи инсонӣ, пешгӯикунии нишондодҳои хатми мактабҳои олиро ва воридшавии мутахассисонро ба иқтисодиёт имкон медиҳад.

Дар чунин ҳолат алоқаҳои байниунсурии модели раванди инкишофи таркиби таҳсилотии сармояи инсонии мамлакат ба хислатҳои занҷираҳои Марков мутобиқат мекунанд, ки ақидаи асосии он дар ақидае асос меёбад, ки шахсият ба марҳилаҳои раванд бо эҳтимолияти муайян мегузарад. Эҳтимолияти гузариш ҳамчун бузургии миқдорӣ барои пайгирӣ намудани тамоюли гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигар имкон медиҳад, ки барои пешгӯикунӣ ва баҳодиҳии низоми инкишофи сармояи инсонӣ ҳангоми баҳодиҳии мутобиқати хатм ва дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ ба эҳтиёҷоти мамлакат ба сармояи инсонӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Чунин вазъият аз нуқтаи назариявӣ имконпазир аст, лекин дар амалия ин ҳолат эҳтимолияти кам дорад, азбаски бо ҷои корӣ таъмин намудани тамоми аҳолии қобилияти меҳнат дошта имконнопазир аст, зеро чунин вазъият ба принсипҳои методологии тараққиёти иқтисодиёти бозорӣ мутобиқат намекунад.

Агар вариантҳои ҷойгиршавии корхонаҳои (давлатӣ ва хусусии) калидии шаҳрӣ ҳаҷман калон бошад, дар ин ҳолат ба вазифаҳои нуқтаҳои рушд инкишофи махсусгардонӣ, воридотивазкунӣ, ба содирот нигаронидашуда, истеҳсоли хизматҳои дар бозор рақобатпазир, аз он ҷумла дар соҳаи фаъолияти инсонии талаботи барзиёд ба дониш ҳамроҳ карда мешаванд, ки эҳтиёҷоти ин нуқтаҳои рушдро ба сармояи инсонӣ ташаккул медиҳанд, ки онҳо гуногун мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки низоми таҳсилот ба чунин шароитҳо мутобиқ карда мешавад.

Раванди мутобиқшавии низоми таҳсилот ба таъминоти эҳтиёҷоти мамлакат ба сармояи инсонӣ, мутобиқшавии иқтидори таҳсилоти олӣ ва миёнаро ба сохтори хоҷагидории миллӣ дар назар дорад, махсусан дар ҷодаи инкишофи босуръати соҳаҳои фаъолияти инсонии талаботи барзиёд ба дониш, ки онҳо ногузир ба омили асосии баланд намудани ҳосилнокии меҳнати коргарон мубаддал мегардад.

Дар ин ҳолат модели таъминоти эҳтиёҷоти мамлакат ба сармояи инсонӣ чунин намудро ифода мекунад (расми 6).

Низоми додашудаи гузариш байни сатҳҳои гуногуни таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ, ки дар расми 6 нишон дода шудааст ба низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки дар муҳити дигаргуншавии омилҳои дохилӣ ва беруна ба миён меоянд, имкон медиҳад, ки алоқаи миқдориро байни натиҷаҳои пешгӯикуниҳои демографӣ ва наздикии онҳо ба

эҳтиёҷотҳои дурнамои хоҷагидории миллӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ ҳисоб карда шуда, муайян карда шаванд.




**Расми 6. – Модели ташаккулёбии сармояи инсонӣ - муносибати ба пешгӯикунии эҳтиёҷотҳо асосёфта**

**Дар боби сеюм “Таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ”** мавқеъ ва нақши сарчашмаҳои алоҳидаи сармоягузориҳо барои инкишофи таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои ҷойдоштаи тағйиротҳои онҳо дар инкишофи сармояи инсонии хислати миллӣ дошта, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар асоси ҳисобҳои гузаронидашуда хулосабарорӣ карда шудааст, ки мутобиқи он, ҷараёни “истеҳсол-тақсимот-истеъмоли хизматҳои таҳсилотӣ” дар ҷумҳурӣ тамоюли васеъшавӣ дорад. Ба тавсифи ҷараёнҳои инноватсионии инкишофи маҳсулот такя карда, муқаррар карда шудааст, ки аксарияти иштирокчиёни раванди инкишофи сармояи инсонӣ ва истифодабарии самараноки он, яъне шахсият, оила, давлат, ҷамъият, институтҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои хайриявӣ дар сармоягузории сармояи инсонӣ фаъолона иштирок мекунанд. Қайд карда шудааст, ки дар ҳама сатҳҳои таҳсилот суръати баланди афзоиши ҳаҷми хароҷот ба назар мерасад, ки дар инкишофи ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ ифода меёбад. Ҳисобҳо нишон доданд, ки дар мактабҳои вилояти Суғд тамоюли афзоиши шумораи муҳассилин дар муассисаҳои таълимии давлатӣ-хусусӣ ва хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқат ба назар мерасад. Мисол, агар хароҷоти волидайн дар соли 2016 барои як муҳассилини мактаби миёна ва мактабҳо барои хонандагони болайқат аз 3 то 6,5 ҳазор сомониро дар сол ташкил дода бошад, дар соли 2021 барои чунин хароҷот аз 4,8 то 10,2 ҳазор сомонӣ барои сол сарф карда шудааст, ки афзоиш аз 1,6 то 2 маротибаро ташкил додааст. Шумораи муҳассилини

дар мактабҳои барои хонандагони болаёқат таҳсилкунанда аз рӯи таҳқиқоти интихобии мо дар шаҳри Хуҷанд ба 2,7 маротиба зиёд шудааст. Инчунин афзоишёбии воситаҳо аз буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф ба назар мерасад, ки давлат ҳамчун супоришдиҳанда ва инвестори инкишофи сармояи инсонӣ баромад мекунад (ҷадвали 1).

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки шароитҳои мусоид дар ҷумҳурӣ ба он оварда расонид, ки дар соҳаи таҳсилоти олӣ дигаргуниҳои мусбат дар шакли васеъ паҳнгардии бакалавриат мушоҳида карда мешавад. Дар тули солҳои 2016-2021 бо баробари зиёдшавии шумораи донишҷӯён, мақоми таҳсилоти олӣ баланд шуда истодааст, ки аз рушди босуръати вазни қиёсии таълимгирандагон дар асоси шартномавӣ аз шумораи умумии таълимгирандагон 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Боиси таъқид аст, ки таъсисёбии мактабҳо барои хонандагони болаёқат ба афзоиши шумораи муҳассилин оварда расонид, ки хоҳиши иштирок дар олимпиадаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявиро афзун намуд.

Давлат ҳамчун супоришдиҳанда ва сармоягузор барои инкишофи сармояи инсонӣ ҳамасола аз буҷети давлатӣ воситаҳои назаррасро дар давраҳои гуногун ҷудо намудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Тағйирёбии афзоиши хароҷот барои як аъзои оила, ки бо низоми таҳсилот фаро гирифта шудаанд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Даромад ба ҳар як аъзои оила (сомонӣ) | 351,24 | 374,12 | 409,78 | 425,72 | 518,19 | 684,17 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, ба ҳар як кӯдаки таҳсилоти томактабӣ (сомонӣ) | 142,3 | 216,2 | 249,6 | 261,4 | 271,88 | 282,75 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳар як хонандаи мактаби миёнаи умумӣ (сомонӣ) | 1002,0 | 1110,4 | 1188,87 | 1276,4 | 1365,74 | 1447,68 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳар як муҳассилини таҳсилоти ибтидоии касбӣ (сомонӣ) | 2726 | 2493 | 2755 | 3066 | 3403,26 | 3777,66 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳар як муҳассилини муассисаи махсуси миёнаи таҳсилот (сомонӣ) | 1368,5 | 1743,08 | 1715,19 | 1989,07 | 2307,32 | 2653,42 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳар як донишҷӯи мактаби олӣ (сомонӣ) | 1962,84 | 2348,3 | 2574,3 | 2762,63 | 2964,74 | 3172,27 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 118.; Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2020. – С.103.

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ барои молиягузории низоми таҳсилот тамоюли афзоишёбӣ дорад. Зеро аз соли 2015 то соли 2022 молиягузории низоми таҳсилоти томактабӣ ба 2,33 маротиба афзоиш ёфта, нишондиҳандаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 1,61 маротиба ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус 2,55 маротиба ва

низоми таҳсилоти олӣ 1,77 маротиба зиёд гардиданд. Ҳамин тавр, ҳаҷми молиягузорӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад.

Афзоишёбии молиягузории сарикасӣ аз буҷети давлатӣ, зиёдшавии даромади сарикасии аҳолӣ, зиёдшавии ҳаҷми хароҷоти давлатӣ барои инкишофи низоми тандурустӣ барои афзоиши хароҷоти ҷамъият барои инкишофи сармояи инсонӣ (таркиби асосии онҳо ба монанди таҳсилот ва саломатӣ) замина мегузорад. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки тақсимоти аҳолӣ аз рӯи сатҳи таҳсилот тамоюли тағйирёбӣ дорад.

Низоми таҳсилот ҳаҷми зарурии сармоягузориҳоро на танҳо аз буҷети давлатӣ, инчунин ба воситаи инкишофи шакли шартномавии таҳсилот ба даст оварда истодааст, ки барои ғанигардонии иқтидори мактабҳои олӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби ҷалб намудани олимони шинохта барои фаъолияти омӯзгорӣ имконият дода, сабаби баланд шудани сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Тағйирёбии молиягузории бахши таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Таҳсилоти томактабӣ (млн. сомонӣ) | 201,8 | 241,2 | 267,2 | 293,92* | 355,64* | 430,32* |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, воҳид | 615 | 636 | 662 | 678 | 696 | 707 |
| Шумораи кӯдакон (ҳазор нафар) | 93,1 | 96,6 | 102,2 | 97,2 | 101,2 | 102,5 |
| Таҳсилоти умумии миёна (млн. сомонӣ) | 2101,1 | 2338,0 | 2590,2 | 2881,78* | 3169,95* | 3486,95* |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна (воҳид) | 3879 | 3869 | 3884 | 3911 | 3940 | 3967 |
| Шумораи хонандагон дар ин муассисаҳо (ҳазор нафар) | 1907,7 | 1970,0 | 2033,9 | 2108,9 | 2195,6 | 2232,1 |
| Таҳсилоти касбии ибтидоӣ | 59,6 | 63,1 | 68,5 | 73,98* | 88,78* | 106,53* |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 61 | 61 | 62 | 62 | 62 | 60 |
| Шумораи муҳассилин дар ин муассисаҳо (нафар) | 23,9 | 22,9 | 22,3 | 22,5 | 20,8 | 19,9 |
| Таҳсилоти миёнаи махсус (млн. сомонӣ) | 140,2 | 146,8 | 176,9 | 212,28* | 254,74* | 305,68* |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (воҳид) | 67 | 70 | 74 | 78 | 79 | 84 |
| Шумораи муҳассилин дар онҳо (ҳазор нафар) | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 87,2 |
| Таҳсилоти олии касбӣ (млн. сомонӣ) | 632,8 | 606,1 | 716,5 | 845,47* | 1014,56* | 1217,47* |
| Таҳсилоти олии касбӣ (воҳид) | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 46 |
| Шумораи донишҷӯён дар онҳо (нафар) | 195700 | 209800 | 229600 | 245900 | 239539 | 218098 |

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2020. – С. 100; Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТНТ МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 8.; *-маълумотҳои пешакӣ

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳар як кӯдак дар низоми таҳсилоти томактабӣ аз 136,8 сомонӣ дар соли 2015 то 271,88 сомонӣ дар соли 2020 ва ё тақрибан ба 1,98 маротиба афзудааст. Ин нишондиҳанда барои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз 999,43 сомонӣ дар соли 2015 то 1365,74 сомонӣ дар соли 2020 зиёд гардида, афзоиш 1,37 маротибаро ташкил кардааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ин маблағ мувофиқан 1216,2 сомонӣ дар соли 2015 ва 2307,32 сомонӣ дар соли 2020 ташкил дода, ба 1,89 маротиба зиёд гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур барои мактабҳои олии касбӣ мувофиқан 2409,6 сомонӣ дар соли 2015 ва 2964,74 сомонӣ барои соли 2020 ташкил карда, афзоиш 1,23 маротибаро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр хароҷот барои низоми таҳсилот аз буҷети давлатӣ сол аз сол зиёд гардида истодааст. Нисбатан бо суръати баланд шумораи мутахассисон дар таҳсилоти баъди дипломӣ зиёд гардида истодааст, ки 1,28 маротибаро нишон дода, бакалаврон - 2,4 маротиба, таҳсилоти миёнаи касбӣ - 1,18 маротиба, таҳсилоти ибтидоии касбӣ - 1,2 маротиба, таҳсилоти умумии миёна - 1,1 маротиба зиёд гардида, нафарони маълумоти миёна надошта - 1,0 маротиба, таҳсилоти миёнаи асосӣ - 1,7 маротиба зиёд шудаанд. Нишондиҳандаҳои додашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки фарогирӣ бо таҳсилоти миёнаи асосӣ тақрибан 100% аҳолиро дар бар гирифта, бахши бо суръати баланд инкишоф ёфтаистода бошад ин омодакунии бакалаврон ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин нуфузи баланд доштани таҳсилоти олиро нишон медиҳад, ки раванди объективона ба ҳисоб меравад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Шумораи донишҷӯён аз рӯи махсусгардонии муассисаҳо (дар ибтидои соли хониш)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015/2016 | 2016/2017 | 2017/2018 | 2018/2019 | 2019/2020 | 2020/2021 | 2021/2022 | 2022/2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Ҳамагӣ: аз он ҷумла: | 176461 | 186814 | 195657 | 209768 | 229626 | 245900 | 239539 | 218098 |
| Саноат: дар шӯъбаҳо: | 24875 | 25234 | 26336 | 29193 | 27744 | 33652 | 30541 | 33403 |
| - рӯзона | 86,8 | 85,9 | 82,1 | 79,4 | 81,0 | 79,2 | 80,0 | 61,2 |
| - ғоибона | 13,2 | 14,2 | 17,9 | 20,6 | 19,0 | 20,8 | 20,0 | 38,8 |
| Кишоварзӣ: | 10580 | 11113 | 12590 | 15510 | 10003 | 11270 | 11573 | 8948 |
| - рӯзона | 77,8 | 80,8 | 80,8 | 79,1 | 77,4 | 77,9 | 77,9 | 72,6 |
| - ғоибона | 22,2 | 19,2 | 19,2 | 20,9 | 22,6 | 21,5 | 22,1 | 27,4 |
| Иқтисодиёт | 51078 | 53620 | 55421 | 58964 | 59641 | 66477 | 62366 | 26303 |
| - рӯзона | 66,9 | 68,2 | 68,0 | 69,4 | 67,5 | 68,7 | 71,1 | 62,7 |
| - ғоибона | 33,1 | 31,8 | 32,0 | 30,6 | 32,5 | 31,3 | 28,9 | 37,3 |
| Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 15882 | 17083 | 19034 | 19216 | 20860 | 23831 | 23815 | 19345 |
| - рӯзона | 96,0 | 96,3 | 95,4 | 95,3 | 93,1 | 93,8 | 96,8 | 97,5 |
| - ғоибона | 4,0 | 3,7 | 4,6 | 4,7 | 6,9 | 6,2 | 3,2 | 2,5 |
| Маориф | 67689 | 72597 | 74416 | 78931 | 102293 | 100957 | 101999 | 124444 |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - рӯзона | 54,2 | 53,5 | 54,9 | 56,8 | 54,8 | 57,5 | 56,9 | 60,6 |
| - ғоибона | 45,8 | 46,5 | 45,1 | 43,2 | 45,2 | 42,5 | 43,1 | 39,4 |
| Фарҳанг | 3299 | 3768 | 4025 | 4390 | 4686 | 5203 | 4888 | 4590 |
| - рӯзона | 75,7 | 66,9 | 64,5 | 62,9 | 61,5 | 62,6 | 64,8 | 72,1 |
| - ғоибона | 24,3 | 33,1 | 35,5 | 37,1 | 38,5 | 37,4 | 35,2 | 27,9 |
| Хадамоти бехатарӣ ва кори ҳарбӣ | 3058 | 3499 | 3835 | 4164 | 4399 | 4510 | 4357 | 1065 |
| - рӯзона | 66,2 | 68,0 | 67,9 | 66,9 | 64,7 | 62,4 | 62,1 | 82,2 |
| - ғоибона | 33,8 | 33,0 | 32,1 | 33,1 | 35,3 | 37,6 | 37,9 | 17,8 |

Сарчашма: Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТНТ МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 71.

Мисол, дар соли таҳсили 2022-2023 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна суръати афзоиши шумори хонандагон нисбат ба соли таҳсили 2015-2016 123,5% ташкил кардааст. Соҳаҳои тахассусҳое, ки аз рӯи онҳо суръати афзоиш ба назар расида, аз сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд мебошанд ба мактабҳои олии соҳаи саноат (134%), тандурустӣ (121%), фарҳанг (139%), маориф (183%) рост меояд.

Афзоиши ҳаҷми умумии сармоягузориҳо барои инкишофи таҳсилот на танҳо ба зиёдшавии шумораи донишҷӯён ва васеъшавии сохтори ихтисосҳо, инчунин ба баландшавии донишҳои назариявӣ ва амалии таълимгиранда оварда мерасонад. Масалан, дар давраи таҳқиқот тамоюли афзоиши шумораи донишҷӯёни бо забони русӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ таҳсил мекарда ба назар мерасад, ки оид ба ҳамгироии пай дар пайи мактабҳои олии кишвар ба макони таҳсилоти ҷаҳонӣ ва амалия ба воситаи афзоиши шумораи хатмкунандагони додандагони забонҳои хориҷӣ дар сатҳи забони модарӣ шаҳодат медиҳад (ҷадвали 4).

Афзоиши шумораи донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар минтақаҳо ва умуман дар ҷумҳурӣ таъминоти мактабҳои олиро бо омӯзгорони соҳиби дараҷаи илмии номзади илм ва докторони илмро бо таъминоти ҳайати омӯзгорони соҳиби дараҷаи илмӣ на кам аз 60% тақозо менамояд.

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки шумораи ҳайати омӯзгорон бо дарназардошти меъёрҳои сарборӣ ба ҳар як омӯзгор 20 нафар донишҷӯ ва дар ҷодаи ҳайати шуморавӣ ин ҷиҳати мушкилии инкишофи самараноки таҳсилоти олии мамлакат мақсаднок ҳал карда шуда, лекин аз ҷиҳати сифатии таъминоти ҳайати омӯзгорон бо мутахассисони дорои дараҷаи илмии номзади илмҳо ва докторони илм аз меъёрҳои муқарраргардида дур мебошад.

**Ҷадвали 4. – Шумораи ҳайати омӯзгорӣ**

| Солҳо | Шумораи умумии кормандон | Бо дараҷаи илмӣ | | | Фоизи таъминот |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Унвонҷӯён | Номзадони илм | Доктурони илм | |
| 2013/2014 | 9636 | 803 | 2297 | 553 | 30 |
| 2014/2015 | 9167 | 1073 | 2467 | 580 | 30 |
| 2015/2016 | 9952 | 1247 | 2459 | 555 | 30,2 |
| 2016/2017 | 10010 | 1092 | 2590 | 603 | 31,8 |
| 2017/2018 | 10321 | 1017 | 2687 | 619 | 32,02 |
| 2018/2019 | 10581 | 1227 | 2808 | 630 | 32,4 |
| 2019/2020 | 11681 | 1179 | 2939 | 630 | 30,55 |
| 2020/2021 | 11746 | 1261 | 3213 | 953 | 35 |
| 2021/2022 | 12642 | 1276 | 3330 | 657 | 32 |
| 2022/2023 | 11762 | 1249 | 3325 | 734 | 34 |

Сарчашма: Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТНТ МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 98; Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТН МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 88.

Таъминоти рақобатпазирии баланди хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ таъмини раванди муттасили таҳсилотро дар мактабҳои олӣ талаб менамояд, аз он ҷумла дар ҷамъият низ, ки инкишофи онро ба воситаи ҳамгирой намудани фаъолияти мактабҳои олӣ бо низоми таҳсилот ба даст овардан мумкин аст.

**Дар боби чорум “Самтҳои афзалиятноки мутобиқшавии иқтидори таҳсилоти салоҳиятнок ба эҳтиёҷоти иқтисодиёти индустриявӣ”** қайд карда мешавад, ки низоми ягонаи ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ ба асоси институтсионалӣ асос меёбад, ки таҳкурсии он коркард ва татбиқи стратегияҳои тараққиёти мамлакат, минтақаҳои алоҳида ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва ҳадафҳое баромад мекунанд, ки нишондиҳандаҳои шумораviro вобаста ба давраҳои алоҳидаи банақшагирӣ ифода менамоянд. Бо баробари унсури шуморавӣ будан, ҳадафҳои тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки вобастагии шуморавӣ байни таркиби бахши аслии иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муайян карда шаванд. Чунин вобастагӣ имкони баҳодиҳии тағйироти сармояи инсонии соҳаҳои алоҳидаро оид ба қонеъгардонӣ ва қонеънагардонии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ доштаро фароҳам мекунад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили низомӣ - омезишӣ, муқаррар карда шудааст, ки дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди маҳаллисозии мактабҳои олӣ, ташкили мактабҳои олии нав ва филиалҳои мактабҳои олии фаъолияткунанда оид ба омодакунии мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои афзалиятнок аз нуқтаи назари илми ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дар кишвар

амалӣшаванда, ба назар мерасад. Пурсиши сотсиологии аз тарафи мо дар давраи солҳои 2016-2021 гузаронидашуда, тамоюли раванди омодакунии мутахассисони маълумоти олӣ доштаро аз рӯи тахассусҳо ва гурӯҳи ихтисосҳои дар иқтисодиёт зарур бударо тасдиқ намуд. Шахсони бо пурсиш фаро гирифташуда бакалаврон, магистрон ва мутахассисони дар фосилаи синну соли аз 22 то 28 сола интихоб шуданд. Вобаста ба ҷавобҳои шахсони пурсишшаванда муайян карда шуд, ки стратегияи салоҳиятнокии инкишофи таҳсилот, яъне "таҳсилот дар давоми ҳаёт" зарурати объективӣ дорад. Ташкили тренингҳо, ки аз ҷониби институтҳои байналмилалӣ ва намояндагони бизнес гузаронида мешавад, инчунин истифодабарии сомонаҳои интернетӣ, дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ барои таҳсилоти дуюм, магистратура ва докторантура ҳамчун нишондоди нуфузи баланд доштани таҳсилот ва рақобатнокии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои дар мамлакатҳои саноатӣ тараққикарда ифода мекунанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо маълумоти дохилшавӣ ба магистратура аз рӯи самтҳои фаъолият баромад карда метавонад, мисол, дар соҳаи иқтисодиёт ҳиссаи онҳо 8-11%, саноат ва нақлиёт 4-7%, хоҷагии қишлоқ 6-7%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 2-3,4%, маориф 11-14%, фарҳанг ва санъат 6-7,2%, хадамоти бехатарӣ ва кори ҳарбӣ 5,2-6%.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабҳои олии касбӣ мавҷуданд, ки таҷрибаи бойи содироти хизматҳои таҳсилотиро доранд, аз он ҷумла: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абу Алӣ ибни Сино. Ҳама мактабҳои олии касбии номбурда содироткунандагони асосии хизматҳои таҳсилотӣ на танҳо ба давлатҳои пасошӯравӣ, балки ба дигар кишварҳои шарқ ба ҳисоб мераванд. Барои васеъшавӣ ва густариши содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар мамлакат конвенсияи Болония ба имзо расидааст. Новобаста ба ин ба фикри мо дар кишварҳои Осиёи марказӣ бояд ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мутобиқи талаботҳои байналмилалӣ ба тартиб оварда шаванд. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки заминаи содироти таркибии таҳсилотиро ташкил медиҳанд, бояд ҳолати имконияти таъсис додани факултетҳо, институтҳо, филиалҳои муштарак бо мактабҳои олии касбии хориҷӣ, таъсиси лабораторияҳо ва стансияҳои таҷрибавиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта, васеъшавии имконияти мубодилаи байни мактабҳои олии касбӣ, алалхусус дар ҷодаи омодакунии магистрантон, PhD ва докторон аз рӯи ихтисос зарур арзёбӣ карда мешавад, ки дар айни ҳол дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донигҳои тиббии Тоҷикистон ба номи Абу Алӣ ибни Сино ҷой доранд.

Ихтисосҳои асосии аз ҳама пешрафта дар ҷодаи омодакунии магистрантон, PhD ва докторон аз рӯи ихтисос дар байни шахсиони бо пурсиш фаро гирифташуда чунин мебошанд: "идоракунандагон" (21%, 32%, 46%), "иқтисодиёт" (17 %, 18 %, 46 %), "илмҳои ҷамъиятшиносӣ" (13%,

18%, 46%), дигар гурӯҳҳо бошанд ба маротиб кам мебошанд. Инчунин шахсони бо пурсиш фаро гирифташуда ақидаи хешро оид ба кӯмак расонидани донишҳои ба дастовардашудаи дар раванди таҳсилот дар мактабҳои олии касбӣ барои дастовардҳои касбӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки дар оняда фарзандони онҳо бо роҳи волидонаш рафта, ба онҳо мактабҳои олии касбиро тавсия медиҳанд, ки худи онҳо дар он ҷо таҳсил кардаанд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, хулоса кардан мумкин аст, ки чӣ қадаре, ки сатҳи касбии хатмкунандагон баланд бошад, ҳамон қадар эҳтиёҷот барои баланд намудани тахассуснокӣ ва қонеъгардонии онҳо бо фаъолияти мактабҳои олии касбии таҳсил кардаашон баланд мегардад. Ҳайати донишҷӯёни дар мактабҳои олии касбии ватанӣ таҳсил мекарда ҷудошавии аҳолиро вобаста аз рӯи фаъолияти иқтисодӣ ифода мекунад, ки дар ҷумҳурӣ нисбат аз сохтори шуғли дигар кишварҳои пасошӯравӣ фарқият дорад (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Тақсимоти аҳолии бо шуғл машғулбуда аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2019 (бо ифодаи % нисбат ба натиҷа)**

| Мамлакатҳо | Ҳамагӣ | Саноат | Кишоварзӣ, гӯштӣ ва моҳипарварӣ | Сохтмон | Соҳаи хизматрасонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Тоҷикиистон** | 100 | 4 | 65 | 3 | 28 |
| **Азарбойҷон** | 100 | 7 | 36 | 8 | 49 |
| **Арманистон** | 100 | 14 | 25 | 4 | 57 |
| **Беларус** | 100 | 24 | 9 | 6 | 61 |
| **Қазоқистон** | 100 | 12 | 14 | 7 | 67 |
| **Қирғизистон** | 100 | 14 | 18 | 12 | 56 |
| **Молдова** | 100 | 15 | 21 | 7 | 57 |
| **Руссия** | 100 | 20 | 6 | 7 | 67 |
| **Украина** | 100 | 15 | 18 | 4 | 63 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РМТ МКҲ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 238.

Ин падида аз он шаҳодат медиҳад, ки мактабҳои олии касбии мамлакат аз рӯи он соҳаҳо махсусгардонида шудаанд, ки онҳо сатҳи кофии инкишоф дошта, барои ҷалби шумораи ҳадди аксари донишҷӯёни хориҷӣ, ташкили ҷузъҳои махсусгардонидашуда ҳавасманд хастанд, ки хизматрасониҳоро оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ-назариявӣ ва амалиро бо дарназардошти дастовардҳои соҳавии илм ва муҳити таҳсилоти ҷаҳонӣ пешкаш менамоянд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. – Вазни қиёсии мутахассион бо маълумоти олии касбӣ аз шумораи умумии аҳоли машғулбуда**

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии бо шуғл машғулбуда, ҳазор нафар | **2385** | **2407** | **2426** | **2463** | **2506** | 2534 |
| Хатми таҳсилоти баъдидипломӣ (аспирантура, адюнктура, ординатура, ассистентура-бозомӯзии мутахассисони маълумоти олӣ дошта) ҳазор нафар | 33618 | 38924 | 44997 | 43572 | 42768 | 53797 |
| Вазни қиёсии мутахассисони маълумоти олӣ дошта нисбат ба аҳолии машғулбуда (%) | 2,41 | 1,61 | 1,86 | 1,76 | 1,7 | 2,12 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РМТ МКҲ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 101, 349, 352, 354, 356, 358, 360, 362; Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РМТ МКҲ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 175. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТН МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 31, 53, 96.; Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Раёсати таъҷилии табъу нашри МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 125, 133; Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: РТНТ МД “МКҲ”-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С.106.

**Шарҳ**: пункти 1 дар асоси маълумоти якҷояи таҳқиқоти дар соли 2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ гузаронидашуда муайян карда шуда, рақамҳои солҳои 2016, 2017, 2018, ба воситаи ҷамъкунии маълумотҳои омории хатми бакалавриат, магистратура ва аспирантура дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2021 - С. 13, 85, 87, 221; Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: 2018 - С. 31, 57; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2020. 3- С. 47, 58, 59 ҳисоб карда шудаанд.

Тағйиротҳои сохтории таркиби захираҳои меҳнатии бо мутахассисони маълумоти олӣ дошта, таҳсилоти баъдидипломӣ ва миёнаи махсус, бояд ба ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 мутобиқат намоянд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки дар асоси стратегияи интихобшудаи рушди саноат ва инноватсия нақши бартаридоштаи иқтисодиёти миллӣ, ки қобилияти ноил шудан ба суръати босуръати афзоиши ММД мебошад. Бо дарназардошти ин ҳадафҳои СМР-2030, мо пешгӯикунии эҳтиёҷоти қувваи корӣ дар иқтисодиётро ба намудҳои гуногуни фаъолият коркард намудем.(ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. – Пешгӯикунии эҳтиёҷоти иқтисодиёт барои истифодабарии қувваи корӣ вобаста ба намудҳои фаъолият (ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2025** | **2026** | **2027** | **2028** | **2029** | **2030** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғулбуда | 2508,7 | 2587,7 | 2596,9 | 2646,4 | 2652,6 | 2691 | 2728,8 | 2757,5 | 2797,7 | 2853,6 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | | | | |
| Дар бахши аслӣ | 1086,3 | 1856,3 | 1785,5 | 2801,4 | 1808,0 | 1924,6 | 1841,2 | 1859,5 | 1875,7 | 1898,5 |
| Кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал | 1539,1 | 1548,4 | 1563,9 | 1579,5 | 1595,3 | 1611,3 | 1627,4 | 1643,6 | 1660,1 | 1676,7 |
| Моҳипарварӣ | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди карерҳо | 15,65 | 17,37 | 19,28 | 21,40 | 23,75 | 26,37 | 29,27 | 32,49 | 36,06 | 40,03 |
| Саноати коркард | 82,61 | 83,75 | 84,02 | 84,47 | 84,09 | 86,89 | 89,88 | 89,95 | 91,76 | 94,59 |
| Барқ, газ ва таъминоти об | 19,6 | 20,4 | 21,23 | 22,08 | 22,97 | 23,88 | 24,84 | 25,83 | 26,87 | 27,94 |
| Сохтмон | 107,9 | 108,86 | 109,7 | 110,6 | 101,6 | 101,9 | 101,6 | 102,4 | 103,2 | 104,0 |
| Дар бахши хизматрасонӣ | 722,49 | 731,46 | 731,4 | 745,07 | 744,63 | 766,9 | 781,63 | 798,5 | 822,03 | 855.12 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мотосиклҳо, ашёҳои рӯзгори истифодабарии шахсӣ | 149,1 | 144,6 | 140,3 | 131,1 | 132,0 | 128,0 | 124,2 | 120,4 | 116,8 | 113,3 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 15,20 | 14,89 | 14,6 | 14,3 | 14,02 | 13,74 | 13,46 | 13,19 | 12,93 | 12,67 |
| Нақлиёт ва алоқа | 70,1 | 84,12 | 94,29 | 105,54 | 118,2 | 132,3 | 148,2 | 166,0 | 186,0 | 218,3 |
| Миёнаравии молиявӣ | 21,0 | 21.6 | 21,6 | 21,7 | 21,9 | 21,9 | 30,0 | 30,4 | 30,6 | 30,9 |
| Амалиёт бо амволи ғайриманқул (иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ) | 30,9 | 30,59 | 30,28 | 29,98 | 29.68 | 29,38 | 29,09 | 29,8 | 29,51 | 29,23 |
| Идоракунии давлатӣ, мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 49,33 | 52,43 | 55,05 | 57,81 | 60,7 | 63,73 | 66,92 | 70,26 | 77,42 | 81,39 |
| Маориф | 237,3 | 239,7 | 242,1 | 244,5 | 246,3 | 249,4 | 251,9 | 254,4 | 257,0 | 259,5 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 115,5 | 116,0 | 116,6 | 117,2 | 117,8 | 118,38 | 118,98 | 119,57 | 120,17 | 120,7 |
| Дигар хизматҳои коммуналии иҷтимоӣ ва шахсӣ | 36,06 | 31,74 | 21,93 | 24,58 | 21,63 | 19,03 | 16,75 | 17,74 | 12,97 | 11,41 |
| Мақомотҳо ва ташкилотҳои минтақавӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| Истифодабарии қувваи корӣ ба ҳисоби 100000 ҷои корӣ аз рӯи СМР - 2030 | 2908,7 | 3177,7 | 3616,9 | 3646,4 | 3757,6 | 3891,0 | 3998 | 3857 | 3797 | 4153,8 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки шумораи қувваи кории истифодашуда дар мамлакат бо дарназардошти 100000 ҷои кории ҳамасола таъсисдодашаванда, дар охири давраи пешгӯишаванда (соли 2030) нисбат ба давраи ибтидоӣ (соли 2021) 2,03 маротиба зиёд гардида, бахшҳо ва соҳаҳои алоҳида аз рӯи суръати афзоишёбии шумораи аҳолии бо шуғл машғулбуда аз нишондоди миёнаи бахш ва соҳа зиёд, баробар ва ё кам мебошанд. Афзоиши шумораи аҳолии дар бахши аслии иқтисодиёт машғулбуда дар давраи пешгӯикунӣ 1,48 маротибаро ташкил дода, дар

бахши хизматрасонӣ 1,45 ва ё байни ҳамдигар баробаранд. Афзоиши шумораи аҳолии дар соҳаи кишоварзӣ машғулбуда 1,52 маротибаро ташкил мекунад, ки нисбат ба нишондоди миёнаи соҳаҳо ба 1,33 маротиба кам мебошад. Суръати аз ҳама баланди афзоиш дар соҳаи саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ ба назар мерасад, ки 3,5 маротибаро ташкил дода, нисбат ба нишондоди миёнаи соҳаҳои 1,51 маротиба баланд мебошад. Суръати нисбатан баланд дар соҳаи нақлиёт низ ба назар мерасад, ки 2,5 маротибаро ташкил карда, нисбат ба нишондоди миёнаи соҳа ба 1,25 маротиба зиёд аст. Шумораи аҳолии дар низоми таҳсилот машғулбуда ба 1,43 маротиба афзоиш ёфта, аз нишондоди миёнаи соҳавӣ ба 1,39 маротиба кам мебошад. Дар бахши тандурустӣ суръати афзоиш дар ҳаҷми 1,36 маротиба ба назар расида, нисбат ба нишондоди миёнаи соҳавӣ ба 1,47 маротиба кам мебошад. Боиси таъкиди махсус аст, ки тақрибан афзоишёбии 2- каратаи шумораи аҳолии дар бахшҳои идоракунии давлатӣ машғулбуда, оид ба муҳимияти васеъшавӣ ва густариши танзими давлатии иқтисодиёт ҳамчун омили асосии баланд намудани самаранокии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Тағйиротҳои интизории мавқеъ ва нақши ҳар яке аз соҳаҳои шуғли аҳолӣ ва суръати афзоиши онҳо, шиддатнокии афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста ба бахшҳои иқтисодиёт дар давраи дурнамо оиди нуфузи ин ё он бахшҳои шуғл дар таъминоти рушди ММД-и мамлакат шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки ҳалли масъалаи баланд намудани сифати хизматрасонии таҳсилотии мактабҳои олии касбии ватанӣ то дараҷаи ҷаҳонӣ, мутобиқи ақидаи олимон ва пурсишшудагони дар пурсиш иштирок карда, бояд бо пешгӯикуниҳои эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва илм ба мутахассисони маълумоти олӣ дошта ҳамрадиф бошад, то ки мутахассисонро ба таври "суроғавӣ" аз рӯи тахассусҳои афзалиятнок омода намоянд.

**Ҷадвали 8. – Эҳтиёҷотҳои иловагии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта аз рӯи гурӯҳҳои тахассусҳо (ҷадвал дар асоси гурӯҳҳои интихобии тахассусҳо тартиб дода шудааст)**

| Гурӯҳи ихтисосҳо | Хатмкунандагони мактабҳои олии касбии мамлакат | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| Педагогика | 269 | 304 | 309 | 318 | 214 | 261 | 259 | 312 | 416 | 503 | 480 |
| Санъати мусикӣ, санъати саҳнавӣ | 54 | 32 | 69 | 36 | 54 | 69 | 76 | 52 | 49 | 55 | 59 |
| Тарроҳ | 26 | 39 | 56 | 36 | 30 | 44 | 53 | 67 | 39 | 41 | 49 |
| Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 36 | 41 | 39 | 21 | 36 | 41 | 42 | 43 | 48 | 36 | 21 |
| Илмҳои экологӣ | 51 | 46 | 43 | 40 | 36 | 39 | 26 | 24 | 20 | 20 | 20 |
| Фаъолияти нақлиёт | 68 | 74 | 83 | 86 | 89 | 94 | 94 | 98 | 76 | 79 | 73 |
| Технкаи ҳисоббарор | 108 | 119 | 131 | 139 | 144 | 151 | 160 | 161 | 160 | 160 | 160 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Энергетика | 96 | 94 | 94 | 86 | 80 | 74 | 74 | 70 | 60 | 54 | 50 |
| Телекоммуникатсия | 31 | 36 | 39 | 44 | 53 | 61 | 66 | 69 | 50 | 56 | 54 |
| Саноати сабук | 46 | 42 | 40 | 36 | 29 | 47 | 54 | 59 | 42 | 32 | 47 |
| Саноати хӯрокворӣ | 49 | 54 | 58 | 63 | 51 | 47 | 32 | 38 | 44 | 29 | 36 |
| Кишоварзӣ | 94 | 86 | 99 | 76 | 106 | 82 | 80 | 101 | 79 | 76 | 54 |
| Сайёҳӣ, меҳмондорӣ ва хӯроки омма | 21 | 24 | 26 | 37 | 54 | 63 | 79 | 80 | 101 | 79 | 76 |
| Бехатарии иттилоотӣ | 29 | 31 | 33 | 46 | 51 | 59 | 66 | 69 | 74 | 81 | 89 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Дар асоси эҳтиёҷоти умумӣ (пешниҳоди вазоратҳо ва идораҳо, пешгӯикуниҳои эҳтиёҷот ба мутахассисони маълумоти олӣ дошта дар асоси муносибати демографӣ) муносибати ба инобатгирии ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 дарҷгардида зарур аст, ки онҳо ҳамчун асоси коркарди рақамҳои қабул ва хатми мактабҳои олӣ вобаста ба солҳои банақшагирӣ истифода мешаванд (ҷадвали 8).

Пешгӯикунӣ ва вариантҳои онҳо ҳамасола бо дарназардошти тағйирёбӣ дар сохтори захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи натиҷаҳои дастрасгардидаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 такрор ёфта, тағйиротҳои дар илм ва техникаи ҷаҳонӣ ва таъиноти соҳаҳои иқтисодиёт ба густариши воридотивазкунӣ ва ба содирот нигаронидашуда ба миён меомадаро ба инобат мегиранд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда метавонанд барои коркарди рақамҳои қабулро барои соли нақшавӣ истифода шаванд.

Истифодабарии муносибатҳои низомии қайдгардида ба моделсозии тақлидии (имитатсионии) ҷараёни гузаронидани пешгӯикуниҳои бисёрвариантаи эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олӣ дошта, имконият медиҳад, ки вобастагии миқдории тағйироти иқтидори мактабҳои олии касбии ватанӣ, аз он ҷумла дар ҷодаи хатмкунии мутахассисон аз рӯи гурӯҳҳои ихтисосҳо бо нақшагирии солҳо муайян карда шаванд.

## ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашудаи назария ва амалияи асосноккунии нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ як қатор хулоса пешниҳодҳои назариявӣ-методологӣ ва амалӣ муқаррар карда шуданд, ки барои баланд намудани истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон равона карда шудаанд:

1. Сармояи инсонӣ ҳамчун раванди инкишофи хислати баҳамалоқаманд ва баҳамаасосёфтаи таркиби он, ба монанди сармоя, саломатӣ, таҳсилот ва сармояи касбӣ густаришёбиро давом медиҳад, ки дар гузариш аз таҳсилоти барои тамоми ҳаёт ба таҳсилот дар давоми ҳаёт, шиддатнокии афзоиши вазни қиёсии сармояи инсонӣ, васеъшавӣ ва густариши салоҳиятҳо ва дорандаи салоҳияти сармояи инсонӣ, инчунин

дар афзоиши вазни қиёсии соҳаи фаъолияти инсонии талаботи барзиёд ба дониш такя мекунад, ки дар он дониш ҳамчун захираи ғайримоддӣ дар таъсисёбии ММД истеҳсол карда шуда, паҳн мегардад ва истеъмол карда мешавад [3-М; 21-М].

2. Муаллифоне, ки маҷмуи мафҳуми сармояи инсониро таҳқиқ мекарда, диққати худро на танҳо ба тавсифи таркиби он ба монанди сармоя, саломатӣ, сармояи таҳсилотӣ ва сармояи касбӣ ҷалб мекунанд, балки ба хислати таъсири унсурҳои беруна нисбат ба шахсияти дорандаи муҳити сармояи инсонӣ, яъне низоми истеъмолкундагони таҳсилоти сармояи инсонӣ (корхонаҳо, ташкилотҳо ва дар умум ҷамъият) ва имкониятҳои шахсият дар ҷодаи ҷустуҷӯи кор аз рӯи ихтисоси ба даст овардашуда, шароити меҳнат, қонеъгардонии пешбиниҳои коргарон ва мукофотҳои ба даст овардашуда, аҳамияти бештар зоҳир менамоянд. Дар ин маънидодкуниҳои мафҳуми сармояи инсонӣ муносибати низомӣ-вазъиятӣ ба таҳқиқи сармояи инсонӣ ба назар мерасад, ки дар он хулоса оид ба сармояи инсонӣ ҳамчун "ду қисми унсури ягонаи баҳамалоқаманд ва баҳамасосёфта дарк карда мешавад, ки маҷмуи шахсиятҳои дорандаи салоҳият ва салоҳиятнокии кордиҳандагон, ки хислати бо ҳам амалкунии онҳо аз сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда вобастаанд" муқаррар карда мешавад [1-М; 2-М; 3-М; 21-М; 22-М].

3. Дар маънидодкунии муосири сармояи инсонӣ нисбат ба маънидодкунии аз тарафи асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ пешкаш карда шуда, маркази самаранокии сармояи инсонӣ аз сармояи саломатӣ ва сармояи касбӣ ба сармояи таҳсилот гузаштааст, ки дорандаи он шумораи маҳдуди шахсиятҳо буда, эҳтиёҷоти оинагӣ ба дорандагони сармояи касбӣ ба назар мерасад [1-М; 2-М; 3-М; 22-М].

4. Маънидодкунии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ пешкаш карда шудааст, ки мувофиқи он, ин мафҳум ҳамчун маҷмуи донишҳои баҳамалоқаманд ва баҳамасосёфтаи шахсият ба ҳисоб меравад, ки дар муҳити расмӣ ва ғайрирасмии таҳсилот ба даст оварда шуда, дар намуди давомнокии соли таҳсилот вобаста ба гурӯҳҳои тахассусҳо ва сатҳи таҳсилот баҳогузорӣ карда мешавад [3-М].

5. Таҳлили муносибатҳо ба баҳодиҳии сармояи инсонӣ имкони хулосабарориро фароҳам меоварад, ки таҳқиқотчиён бо дарназардошти сабабҳои объективӣ ва субъективӣ метавонанд муносибати ғайримустақимро истифода баранд, ки дар ин ҳолат яке аз ҷиҳатҳои таҳлил ва баҳодиҳии хислати ташаккулёбӣ ва инкишофи таркиби сармояи инсонӣ амалӣ карда шавад, инчунин муносибати мустақим истифода шуда метавонад, ки дар он кӯшиши баҳодиҳии сармояи инсонӣ ҳангоми тағйирнопазирии хислатҳои тамоюли тағйирёбандаи беруна нисбат ба муҳити сармоя, яъне таҳсилот, тандурустӣ ва сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда татбиқ карда мешавад [3-М; 5-М; 25-М].

6. Таснифоти пешакии муносибатҳо ба баҳодиҳии сармояи инсонӣ имкон медиҳад, ки ақидаеро пешкаш намоем, ки мутобиқи он таҳқиқотчиён

дар ақидаи афзалияти нақши сармояи инсонӣ дар инкишофи дигар индексҳо (индекси инкишофи иқтидори инсонӣ, индекси илмӣ, индекси синергия, индекси ҷоришавии сармояи инсонӣ, индекси самаранокии элитаҳо, индекси иқтисодиёти ашёвӣ) ҳамфикр ҳастанд, ки оид ба аввалияи нақши сармояи инсонӣ дар инкишофи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ шаҳодат медиҳад [3-М; 9-М].

7. Ҳисобҳои дар маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда фарзияро исбот намуданд, ки мувофиқи он шумораи солҳои таълим ва дар ин васила ба даст овардани маълумоти олии салоҳиятнок барои баландшавии самаранокии такрористеҳсоли васеъ дар мамлакат заминаи устуворро то дараҷаи иқтисодиётҳои индустриалӣ таъмин менамоянд, зеро чунин муносибат барои инкишофи самараноки соҳаҳои технологияи баланд ва илмталаб ва соҳаи фаъолияти инсонӣ, афзоиши талабот ба дониш мусоидат намуда, ҳамчун асоси баланд намудани ҳосилнокии меҳнати коргарон мебошад [3-М; 4-М].

8. Раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсониро таҳқиқ намуда, қайд намудан зарур аст, ки ба раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ омилҳои беруна, раванди густариши кооператсия ва махсусгардонии меҳнат дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири асосӣ мерасонад. Кооператсия ва махсусгардонии меҳнати ҷамъиятӣ гузариш ба таҳсилот дар давоми ҳаётро ва ё таҳсилоти муттасилро тақозо менамояд, то ки шахсият-дорандаи таркиби таҳсилотӣ имконияти аз тарафи истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар ҳама давру замон талаботи кофӣ дошта бошад [3-М; 23-М].

9. Дастоварди рақобатпазирии баланди таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонӣ дар бозори муосири меҳнати тахассуснокии баланд дошта, ҳангоми тақсимоти оптималӣ ва омодагии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ байни марҳилаҳои омодакунии онҳо амалишаванда буда, қобилият дорад муттасилии раванди таҳсилотро таъмин намояд, ки раванди истифодабарии сармояи инсониро дар бар мегирад [3-М; 16-М].

10. Таъминоти самаранокии баланди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ таҷдиди муттасили низоми таҳсилот ва низоми таҳсилоти олии касбиро тақозо менамояд, ки алоқамандии зинаҳоро байни илм ва истеҳсолот, аз он ҷумла барои истифодабарии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ дар самти рушди босуръати рақобатпазирии мол ва хизматҳо дар вақт ва макони муайян дар назар дорад [3-М; 31-М].

11. Зарурати инкишофи таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонӣ пеш аз ҳама бо хислат ва алоқамандиҳои маҷмуи иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ, шахсият, низоми таҳсилот, давлат ҳамчун иштирокчӣ, супоришдиҳанда, инвестор ва ташкилкунанда, ҷамъият ҳамчун сармоягузор, иштирокчӣ, ташкилотчӣ, оила ҳамчун сармоягузор, иштирокчӣ ва супоришдиҳандаи раванди таҳсилотӣ алоқаманд буда,

инчунин аз сиёсати саноатӣ ва иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад, ки дар якҷоягӣ муҳити мусоиди ташаккулёбӣ ва истифодабарии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ - салоҳияти баланди хатмкунандагон ва салоҳиятҳои зарурии иштирокчиёни такрористеҳсоли ҷамъиятиро таъсис медиҳанд [3-М; 24-М].

12. Пешгӯикунии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба сармояи инсонӣ (таркиби таҳсилотӣ) бояд дар рақамҳои стратегияи миллӣ асос ёфта, тамоюлҳои афзалиятнокро ба инобат гиранд, ки дар тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва зарурати объективонаи мутобиқшавии асосҳои институтсионалии инкишофи низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун зинаи алоқамандкунии илм ва истеҳсолот арзи ҳастӣ доранд [3-М; 17-М; 20-М, 25-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

13. Ҳангоми иҷроиши пешгӯикунии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба сармояи инсонӣ (таркиби таҳсилотӣ) бояд бо дарназардошти афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, махсусан, таъминоти рақобатпазирии баланди низоми таҳсилоти олии касбӣ дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҳисоби ташкил ва ҷорӣ намудани механизмҳои институтсионалии пешрафта истифода бурд, ки барои шомилшавии низоми таҳсилоти олии касбии ватанӣ ба низоми таҳсилот ва илми ҷаҳонӣ замина фароҳам меоварад [3-М; 23-М; 35-М].

14. Модели тақлидии (имитатсионии) коркардшуда ва пешгӯикунии эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта бояд ба ҷорӣ намудани алоқаҳои шуморавӣ байни комплекси саноатӣ ҳамчун таркиби асосии иқтисодиёт ва низоми таҳсилоти олии касбӣ, пешниҳоди вазоратҳо ва идораҳо дар намуди дархостҳо барои омодакунии мутахассисон салоҳиятноки бо маълумоти олии касбӣ вобаста ба ихтисосҳо аз рӯи солҳои давраи пешгӯишаванда ба дархости ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои фаъолияти инсонии зиёдшавии талабот ба дониш (таҳсилот, тандурустӣ, идоракунӣ, соҳаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, фаъолияти нашриётҳо, илм, муассисаҳои ахбори омма, фаъолияти консалтингӣ ва ғайраҳо) доир ба омодакунии мутахассисон вобаста ба ихтисосҳо барои солҳои давраи пешгӯишаванда асос ёбад [3-М; 6-М].

15. Муносибати низомӣ-вазъиятӣ ба коркард ва пешниҳоди модели таклидӣ (имитатсионӣ) ва усули пешгӯикунии эҳтиёҷоти хоҷагидории миллӣ ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта имкон медиҳад, ки низоми ягонаи идоракунии таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ такомул дода шавад, ки он аз маҷмӯи унсурҳои баҳамалоқаманд ва баҳамасосёфта, ба монанди ҳокимияти қонунбарор, ҳукумати ҷумҳурӣ, ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳрҳо, вазоратҳо ва идораҳои дахлдор ва сохтори аҳолии мамлакат иборат мебошанд, ки сарчашмаи ташаккулёбии сармояи инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Низоми ягонаи идоракунии сармояи инсонӣ низоми худинкишофёбанда ва худташкилёбанда мебошанд, ки мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои

қонунгузор дар он нақши супоришдиҳанда, инвестор ва истеъмолкунандаи сармояи инсонӣ баромад мекунанд [3-М; 8-М].

16. Истифодабарии усули динамикаи низомӣ дар инкишофи сармояи инсонӣ зарурати объективӣ дошта, бо муҳиммияти дигаргуншавии муносибатҳо байни иқтидори таркибии салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонӣ ва тавсифи иқтисодиёти миллӣ, аниқтараш натиҷаҳо ва сохтори аҳолии бо шуғл машғулбуда дар макон ва вақти аниқ алоқамандии қавӣ дорад [3-М; 6-М].

17. Муҳиммияти махсусро дар нақши сармоягузаронӣ ба сармояи инсонӣ (давомнокии соли таҳсилот), махсусан ба таркиби таҳсилотии он оила иҷро мекунад, ки бо дарназардошти рушди устувори даромад ба сари аҳолӣ воситаҳои зиёдро ба таҳсилот ва тандурустӣ равона месозад [3-М; 26-М].

18. Ҳисобҳо нишон доданд, ки давомнокии ба даст овардани таҳсилот тамоюли суст, вале коҳишёбии устуворро дорад. Мисол, агар дар соли 2016 давомнокии таҳсилоти захираҳои меҳнатӣ 11,14 солро фаро гирифта бошад, дар соли 2017 ин нишондиҳанда то 10,16 сол коҳиш ёфта, дар соли 2018 бошад то 9,98 сол, соли 2019 ба 10,49 сол баробар шудааст. Ҳамаи ин аз хусусиятҳои равандҳои демографӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки бо баландшавии давомнокии пешбинишавандаи ҳаёт ҳангоми таваллуд (шумораи солҳо) тавсиф карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда суръати устувори рушд дошта, соли 2018 ба 75 сол баробар гаштааст. Ин раванд бо ҳамроҳшавии ҷавонони синну соли 15-19- сола (845,3 ҳазор нафар) ба ҳайати захираҳои меҳнатӣ низ алоқаманд мебошад. Ин ду омили асосӣ ба зиёдшавии давомнокии солҳои таҳсил ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳайати захираҳои меҳнатӣ таъсири худро мерасонад [3-М; 30-М].

19. Суръати афзоиши омодакунии мутахассисони салоҳиятноки бо маълумоти олии касбӣ (2,1 маротиба) ва таҳсилоти миёнаи махсус (1,18 маротиба) дар сатҳи баланд қарор дошта, ба давомнокии таҳсилоти захираҳои меҳнатии мамлакат равона карда шудааст. Новобаста ба суръати баланди фарогирии аҳолӣ бо низоми таҳсилоти миёнаи махсус ва таҳсилоти олии касбии захираҳои меҳнатиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дорад (10,49 сол), ки чунин ҳолат бо равандҳои демографӣ дар мамлакат ва фоизи баланди аҳолии синну соли 15-19- сола (848,3 ҳазор нафар аз 5427 ҳазор нафар ва ё 15,6%) алоқаманд мебошад, ки ба ҳисоби давомнокии таҳсилоти захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад.

Барои васеъшавӣ ва ғанигардонии таркиби салоҳиятноки таҳсилотии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди маҳалликунонии мактабҳои олии касбӣ ба амал омода истодааст, ки бо таъсисёбии мактабҳои олии касбии нав ва филиалҳо алоқаманд буда, низоми чораҳо ба монанди низоми бисёрзинагии низоми таҳсилоти олии касбӣ, васеъшавии соҳаҳои илмӣ ва истеҳсолот амалӣ карда мешаванд. Барои таъминоти сифати баланди омодакунии хатмкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

маҷмӯи чораҳо оид ба омодакунии хатмкунандагони касбияти баланд дошта бо дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм татбиқ шуда истодааст. Оид ба ин гуфтаҳо афзоиши баланди шумораи аспирантон ва докторони PhD аз рӯи соҳаҳои мухталифи илм ва ташкили шуроҳои махсус барои ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳ таъминоти ҳайати омӯзгории мактабҳои олии касбӣ бо мутахассисони салоҳиятноки дорои дараҷаи илмӣ баланд карда шавад [3-М; 34-М].

20. Афзоишёбии нуфузи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки шумораи зиёдшавии донишҷӯён дар синну соли аз 25 то 40- сола ва боло аз шумораи умумии донишҷӯён дар давраи гузашта ифода меёбад, ки оид ба мавҷудияти падидаи "таҳсилот дар давоми ҳаёт" шаҳодат дода, мутобиқати стратегияи тараққиёти "бакалавриати оммавӣ" - ро дар ҷумҳурӣ исбот менамояд [3-М; 32-М].

21. Таъминоти нокифоягии мактабҳои олии касбии мамлакат бо шахсони дорои дараҷаи илмӣ ба назар мерасад, ки он ба сифати омода намудани хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ аз рӯи сатҳи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Таъминоти мактабҳои олӣ бо шахсони дорои дараҷаи илмӣ дошта 30,3%-ро ташкил медиҳад, ки аз меъёрҳои муқарраргардидаи конвенсияи Болония ду маротиба, яъне на кам аз 60% -ро ташкил медиҳад [3-М; 32-М].

22. Таҷдиди низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хислати низомӣ-комплексӣ дошта, дар ҷорикунии алоқаҳои миқдорӣ байни мактаби олӣ ва иқтисодиёти миллӣ дар ҷодаи ташаккулёбии сармояи инсонии мутобиқшаванда ба эҳтиёҷоти хоҷагидории миллӣ ифода меёбад, ки асоси онро мутахассисони дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд [3-М; 31-М;35-М].

23. Комплекснокии равандҳои таҷдиди амалишаванда дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба тағйироти байни сатҳҳои гуногуни таҳсилот, тағйирдиҳӣ дар хислати корҳои илмӣ дар сатҳи бакалавр ва магистр, инчунин талабот ба онҳо ифода ёфта, дар тағйирёбии хислатҳои сифатии хатмкунандагон инъикос меёбад, ки онҳо ба илм ҷалб карда шуда, қобилияти тафаккури эҷодӣ ва таҳлилиро ба даст меоранд, қарорҳои идоракунӣ ва дигар қарорҳоро дар шароити номуайянӣ қабул менамоянд, дар натиҷа ҳамаи ин барои пурра намудани ҳайати мутахассисони салоҳиятноки дараҷаи илмӣ дошта мусоидат намуда дар мутобиқат ба стандартҳои ҷаҳонӣ заминаи устуворро пойдор мекунанд [3-М; 31-М].

24. Комплексӣ ва низомии назорати сифати таҳсилот дар раванди истеҳсолот ва истеъмоли хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар мактабҳои олии касбӣ дар он зоҳир мегардад, ки тарафдорони стратегияи салоҳиятноки инкишофи таҳсилот торафт нисбат ба шумораи умумии хатми мактабҳои олии касбӣ афзоиш ёфта истодааст. Хатмкунандагони муосир дорои қобилияти истифодабарии муваффақонаи донишҳои дар мактабҳои олии касбӣ ба дастовардашударо дар амалия доранд [3-М; 23-М;24-М].

25. Стратегияи салоҳиятноки инкишоф имконият медиҳад, ки дар хатмкунандагон қобилият барои истифодабарии донишҳои назариявӣ дар амалия ташаккул ёбад, ки оид ба ин раванд афзоиши шумораи бо ҷои корӣ таъмин шудагон аз рӯи ихтисос аз ҳаҷми умумии хатмкунандагон шаҳодат медиҳад. Ҷорӣ намудани ҳолатҳои конвенсияи Болония ба шиддатёбии бакалавриати оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонида, инчунин барои ҳамгироии ҳиссаи муҳассилин ба низоми таҳсилоти Аврупо мусоидат намуд. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати имзокунандаи конвенсияи Болония ба хатмкунандагони мактабҳои олии касбии ватанӣ имкон медиҳад, ки дар кишварҳои Аврупо бо ҷои корӣ таъмин гарданд, зеро дипломи соҳибшудаи хатмкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дипломҳои мактабҳои олии касбии мамлакатҳои Аврупо баробарҳуқуқ ҳисобида мешавад [3-М; 35-М].

26. Барои таъмини таносуби оптималии шумораи байни мутахассисони салоҳиятноки бо маълумоти олии касбӣ ва шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ вобаста ба бахшҳои иқтисодиёт барои солҳои мувофиқи таҳқиқот ва пешгӯикунӣ бояд пешгӯикунии бисёрвариантаи эҳтиёҷоти иқтисодиёти мамлакат ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта бо назардошти бахшҳои иқтисодиёт зарур арзёбӣ карда мешавад, ки дар ҳисоби нишондодҳои тараққиёт ва ҳадафҳои иҷтимоии дар Стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 дарҷ гардида асос меёбанд [3-М; 11-М; 13-М].

27. Ҳисоби эҳтиёҷоти иловагии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо то давраи соли 2030, бо дарназардошти натиҷаҳои бисёрвариантаи пешгӯикуниҳои эҳтиёҷотҳои умумии иқтисодиёт имконият медиҳанд, ки лоиҳаҳои рақамҳои назоратии қабул ва хатми мактабҳои олии касбӣ дар давраи дурнамои дарозмуддат муқаррар карда шаванд [3-М].

28. Иҷроиши пешниҳодҳои номбаршуда имкон фароҳам овард, ки модели тақлидиро (имитатсиониро) таъсис диҳем, ки воридоти он ин пешгӯикунииии эҳтиёҷотҳои умумии иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта мутобиқи ихтисосҳо, натиҷаҳои пешгӯкуниҳои демографӣ, таҳлили тағйирёбии ҳайати тахассусии донишҷӯёни мактабҳои олии касбӣ ватанӣ, натиҷаҳои пурсиши яквақтаи таъминоти захираҳои меҳнатӣ бо мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта, ба ҳисоб рафта, ин нишондодҳо дар асоси ҳадафҳои мақсадноки Стратегияи рушди маорифи Тоҷикистон барои давраи соли 2030, ҳадафҳои иҷтимоии Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030, тамоюлҳо ва тағйирёбии қабул ва хатми мактабҳои олии касбӣ аз рӯи гурӯҳҳои ихтисосҳо, тағйирёбии сохтори соҳавии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян карда мешаванд. Баромади модели пешкашшуда ин лоиҳаи рақамҳои назоратии қабул ва хатми мактабҳои олии касбии

ватанӣ ва хориҷӣ аз рӯи гурӯҳҳои ихтисосҳо бароmad мекунад [3-М; 6-М; 7-М; 9-М].

29. Фарқияти дар таҳқиқоти мазкур модели тақлидии (имитатсионии) коркардшуда аз дигар моделҳои маъмул дар он зоҳир мегардад, ки он муайян намудани алоқаи байни иқтидори низоми таҳсилоти олии касбиро ва нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисодиро дар ҷодаи соҳаҳои анъанавӣ имкон медиҳад. Ин соҳаҳо бо баробари баҳамалоқаманд ва баҳамасосёфта буданашон, дар асоси муайян намудани алоқаи байни нишондиҳандаҳои соҳавии ММД ва тавсифи низоми таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешаванд. Имконияти ба даст овардашуда ҳангоми қабули қарорҳои илмӣ-амалии асоснокшудаи сатҳи гуногун барои таъмини оптималии эҳтиёҷот ба мутахассисони салоҳиятноки маълумоти олии касбӣ дошта вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо шароит фароҳам меоварад, ки сохтори мутахассисони дар иқтисодиёт фаъолият барандаро то сатҳи оптималӣ наздик намояд [3-М; 6-М; 7-М].

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Монографияҳо

**[1-А]** Хамидова С.Х. Теоретико-методологические основы развития и эффективного использования человеческого капитала региона в среде инновационного сценария развития экономики: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Издательство ОАО «Наби Фахри», 2020. – 114 с. Текст непосредственный. ISBN: 9789997598073.

**[2-А]** Хамидова С.Х. Развитие человеческого капитала региона в среде индустриального сценария развития экономики: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Издательство ОАО «Наби Фахри», 2020. – 132 с. ISBN: 9789997598073.

**[3-А]** Хамидова С.Х. Интегральная роль компетентностного образования в развитии человеческого капитала Республики Таджикистан: теория, методология, практика: монография / С.Х. Хамидова. – Худжанд: Нури маърифат, 2022. – 300 с. ISBN: 9789997575715.

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

**[4-А]** Хамидова С.Х. Теоретические аспекты воспроизводства человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 192-198. ISSN 2413 - 5151

**[5-А]** Хамидова С.Х. Исследование особенностей формирования человеческого капитала региона в среде инновационных процессов / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 11. – С. 63-70. ISSN 2413 - 5151

**[6-А]** Хамидова С.Х. Моделирование развития человеческого капитала методом системной динамики / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник таджикского университета коммерции (научный журнал). – 2019. – №1 (26). – С. 92-99. ISSN 2308054 - X

**[7-А]** Хамидова С.Х. Моделирование организации подготовки специалистов с высшим и послевузовским образованием / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – № 1 (81). – С. 214-217. ISSN 2074-5435

**[8-А]** Хамидова С.Х. Концепция формирования единой системы управления развития человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – Т 2 (82). – С. 188-190. ISSN 2074-5435

**[9-А]** Хамидова С.Х. Методологические подходы к оценке человеческого капитала региона в среде инновационного развития территорий / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 4. – С. 144-151. ISSN 2413 - 5151

**[10-А]** Хамидова С.Х. Формирование и использование человеческого капитала: сущность и взаимосвязи / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5 (2). – С. 148-156. ISSN 2413 - 5151

**[11-А]** Хамидова С.Х. Анализ различных подходов использования человеческого капитала региона в среде инновационной экономики / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 7. – С. 35-42. ISSN 2413 - 5151

**[12-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал в системе инновационного развития / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 154-160. ISSN 2413 - 5151

**[13-А]** Хамидова С.Х. Моделирование развития человеческого капитала методом прогноза потребностей / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Международная научно-теоретическая и практическая конференция Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии, Исраиловские чтения – IX, Международного сетевого Института Росфинмониторинга и Кыргызко-Российского Славянского университета им.Б.Ельцина. Чолпон-Ата, Киргизская Республика. – 2019. – № 2 (25). – С. 234-238. ISSN:1694-7347

**[14-А]** Хамидова С.Х. Роль государства в формировании и эффективном использовании человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2019. – № 2 (49). – С. 122-126. ISSN 2077-4974

**[15-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал в среде развития инновационной экономики территорий / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2019. – № 3 (50). – С. 124-131. ISSN 2077-4974

**[16-А]** Хамидова С.Х. Оид ба масъалаи методологии таҳқиқи рақобатпазирии сармояи инсонӣ / С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // «Кишоварз» («Земледелец») (Теоретический и научно-практический журнал). – 2019. – № 4 (85). – С. 219-221. ISSN 2074-5435

**[17-А]** Хамидова С.Х. Приоритетные направления развития системы образования в среде перевода экономики на индустриальный сценарий развития. / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Международная научно-теоретическая и практическая конференция Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии, Исраиловские чтения – IX, Международного сетевого Института Росфинмониторинга и Кыргызско-Российского Славянского университета им. Б.Ельцина. Чолпон-Ата, Киргизская Республика. – 2019. – №3 (26). – С. 94-101. ISSN:1694-7347

**[18-А]** Хамидова С.Х. Отечественная система образования – составляющая часть мировой системы / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук – 2020. – № 1. – С. 157-161.

**[19-А]** Хамидова С.Х. Система высшего профессионального образования в среде развития индустриально-инновационной экономики в Республике Таджикистан / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 2. – С. 35-39.

**[20-А]** Хамидова С.Х. Этапы прогнозирования потребностей региона в человеческом капитале / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 4. – С. 121-126.

**[21-А]** Хамидова С.Х. Человеческий капитал: содержательный подход. / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Журнал Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии АН РТ. – 2020. – № 1. – С. 19-24. ISSN: 2310-3957

**[22-А]** Хамидова С.Х. К исследованию капитала здоровья человеческого капитала региона / С.Х. Хамидова. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2020. – № 1 (52). – С. 165-169. ISSN 2077-4974

**[23-А]** Хамидова С.Х. К вопросу о методологическом подходе организации компетентностной стратегии развития системы высшего образования / С.Х. Хамидова, Л.Х. Саидмуродзода. – Текст: непосредственный // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2022. – № 7. – С. 21-28. ISSN 2413-5151

**[24-А]** Хамидова С.Х. К вопросу о роли компетентности и компетенций в формировании человеческого капитала / С.Х. Хамидова, Л.Х. Саидмуродзода. – Текст: непосредственный // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – 2022. – № 2 (61). – С. 160-167. ISSN 2077 - 4974

[25-М] Хамидова С.Х. Мақоми таҳсилот ҳамчун ҷузъи асосӣ дар ташакулёбии сармояи инсонӣ / К.Х. Хушвахтзода, С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. – Душанбе: Сино, 2022. – №10. – С. 112-117. ISSN 2413-5151

[26-М] Хамидова С.Х. Муқарраротҳои методологӣ ва консептуалии идоракунии стратегии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамикунонӣ / К.Х. Хушвахтзода, С.Х. Хамидова. – Матн: бевосита // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 1. – С. 5-10. ISSN 2413-5151.

## Маколаҳо дар конфронсҳо ва дигар нашрияҳо

**[27-А]** Хамидова С.Х. Подходы прогнозирования потребностей региона в человеческом капитале / С.Х. Хамидова // Современная экономика: актуальные вопросы, достижения и инновации: Сборник статей XXIX международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение». – 2019. – С. 96-99. ISBN 978 - 5- 00159 - 037- 8

**[28-А]** Хамидова С.Х. Источники инвестиций в человеческий капитал региона / С.Х. Хамидова // Сб. стат. науч. практич. конференции преподавателей, магистрантов Худжандского научного центра академии наук при Президенте Республики Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2019. – С. 411-416. ISBN 978 - 99975 – 39 - 30 - 4

**[29-А]** Хамидова С.Х. Прогнозирование потребностей экономики региона в человеческом капитале на перспективу / С.Х. Хамидова // Сборник статей научно-практической конференции преподавателей, магистрантов Худжандского научного центра академии наук при Президенте Республики Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2019. – С. 416-426. ISBN 978 - 99975 - 39 - 30 - 4

**[30-А]** Хамидова С.Х. К исследованию сущности экономики знаний / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, Н.М. Рахматова // Материалы областной научно-практической конференции «Процесс индустриализации страны: история и современное состояние» – Худжанд; Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 262-265.

**[31-А]** Хамидова С.Х. Индустриальный сценарий развития экономики в вопросе моделирования потребностей промышленного комплекса выпускников вуза / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, С.А. Истамова // Процесс индустриализации страны: история и современное состояние: Материалы областной научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 259-263.

**[32-А]** Хамидова С.Х. Прогнозирование потребностей экономики знаний в человеческом капитале в среде развития цифровой экономики / С.Х. Хамидова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 103-105. УДК-37.0 ББК-74.03(5) (в соавторстве)

**[33-А]** Хамидова С.Х. Модернизация системы высшего образования и его обеспечение информационными ресурсами / С.Х. Хамидова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 109-112. УДК-37.0 ББК-74.03(5)

**[34-А]** Хамидова С.Х. Повышение качества подготовки специалистов в среде развития цифровой экономики / С.Х. Хамидова, Р.А. Мавлонов, Н.М. Рахматова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 152-155. ББК- 74.03(5) УДК-37.0

**[35-А]** Хамидова С.Х. Роль современных информационных и коммуникационных технологий в развитии экономики Республики Таджикистан / С.Х. Хамидова, Ф.А. Курбонова, А.Ж. Зокиров, Н.М. Рахматова // Развитие науки и ее практика реализации в период формирования цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции. – Худжанд: Издательство «Нури маърифат», 2019. – С. 210-214. ББК- 74.03(5) УДК-37.0

**[36-А]** Хамидова С.Х. Приоритетные направления совершенствования управления качеством подготовки специалистов с высшим профессиональным образованием / С.Х. Хамидова, Н.М. Рахматова // GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2021: CENTRAL ASIA» No. 3(14). OCTOBER 2021 SERIES "ECONOMIC SCIENCES": Сборник материалов международной научно-практической конференции (г. Нур – Султан, 22-27 октября 2021). – Нур – Султан-Казахстан, 2021. – С. 80-84. ISSN 2664-2271

**[37-А]** Хамидова С.Х. Высшее образование в среде болонского процесса: приоритеты, тенденции и задачи на перспективу / С.Х. Хамидова // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы» (12 ноября 2021 года). Филиал МГУ имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2021. – С. 244-249. УДК: 001:327.1 (575.3) ББК 66.4(0).1 (2Т) М- 34

**[38-А]** Хамидова С.Х. Высшее образование в системе факторов обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан / С.Х. Хамидова, Р. Мавлонов // Антикризисное управление: анализ, обзор и поиск механизмов его преодоления: Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 25-26 ноября 2021 года). – Душанбе, 2021. – С.129 – 135. ISBN 978-99985-64-29-9.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Хамидовой Сарвиноз Хамрабоевны по теме «Роль компетентностного образования в развитии человеческого капитала: теория, методология, практика», представленная на соискание ученой степени доктора экономических наук по специальности 08.00.01.01 – Общая экономическая теория (политическая экономия).**

**Ключевые слова:** человеческий капитал, компетентностное образование, формирование, развитие и эффективное использование, компетентность, компетенция, имитационная модель прогнозирования потребностей экономики в специалистах, метод системной динамики, причинно-следственная связь.

Целью диссертационного исследования является теоретико-методологическое обоснование роли компетентностного образования в системе человеческого капитала путем модернизации системы высшего образования.

Объект исследования. Объектом исследования выступает процесс формирования и эффективного использования компетентностного образования в системе развития человеческого капитала Республики Таджикистан.

Предмет исследования. Предметом исследования является совокупность социально-экономических отношений, возникающих в процессе формирования и эффективного использования компетентностного образования в системе развития человеческого капитала.

Методы исследования и используемое оборудование. Основу методологического исследования составляют научные труды отечественных и зарубежных ученых, посвященных теоретическим и практическим вопросам развития человеческого капитала и компетентностного образования. В период научного исследования использовались общенаучные и другие методы анализа социально-экономических процессов.

Достигнутые результаты и новизна диссертационной работы заключается в изучении теоретических и практических аспектов обоснования роли компетентностного образования в развитии человеческого капитала на основе изучения различных мнений отечественных и зарубежных ученых экономистов относительно данной тематики, а также теоретико-методологическом обосновании необходимости адаптации потенциала образовательной составляющей человеческого капитала к потребностям экономики, выявлении роли компетентностного образования в развитии человеческого капитала и рекомендациях эффективного использования образовательного потенциала в условиях ускоренной индустриализации.

Рекомендации по использованию. Основные положения диссертации могут быть использованы в формировании научных основ развития компетентностного образования в системе развития человеческого капитала и установления количественных связей между потенциалом (действующей и развивающейся) системы высшего образования и потребностью экономики в специалистах с высшим профессиональным образованием в разрезе групп специальностей, в условиях коренных изменений, намечающихся и происходящих в отраслевой структуре экономики. Изменения отраслевой структуры экономики превращает компетеностное образование в доминатную составляющую процесса ускоренной индустриализации, поэтому по итогам полученных результатов исследования необходимо создавать устойчивые предпосылки установления связи между наукой и производством.

Сфера использования: результаты диссертационной работы могут быть использованы в совершенствовании нормативно правовых актов и стратегических документов в сфере человеческого капитала и компетентностного образования. Также, результаты исследования использованы при проведении занятий по дисциплинам «Экономическая теория», «Региональная экономика», «Стратегический менеджмент», «Национальная экономика» и др.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна дар мавзӯи “Нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ: назария, методология, амалия”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01.01 – Назарияи иқтисодии умумӣ (иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

**Вожаҳои калидӣ:** сармояи инсонӣ, таҳсилоти салоҳиятнок, ташккулёбӣ, инкишофи ва истифодабарии самаранок, салоҳиятнокӣ, салоҳият, модели имитатсионии пешгӯикунӣ эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисон, усули динамикаи низомӣ, алоқаи сабабӣ-оқибатӣ.

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** асосноккунии назариявӣ-методологии нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ ба воситаи таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ мебошад.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Мавзуи таҳқиқот. Предмети таҳқиқот маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ мебошад.

Усулҳои таҳқиқот ва таҷҳизотҳои истифодашуда. Асоси методологии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил карданд, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи сармояи инсонӣ ва таҳсилоти салоҳиятнок бахшида шудаанд. Дар марҳилаи таҳқиқот усулҳои умумиилмӣ ва дигар усулҳои таҳлили равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шудаанд.

Натиҷаҳои дастрастшуда ва навгонии диссертатсия дар таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии асосноки нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ дар асоси омӯзиши афкорҳои гуногуни олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ нисбат ба мавзӯи таҳқиқот, инчунин асосноккунии назариявӣ-методологии зарурати мутобиқшавии иқтидори таркиби таҳсилотии сармояи инсонӣ ба эҳтиёҷоти иқтисодиёт, муқаррар намудани нақши таҳсилоти салоҳиятнок дар инкишофи сармояи инсонӣ ва пешниҳодҳо оид ба истифодабарии самараноки иқтидори таҳсилотӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ифода меёбанд.

Пешниҳодҳо барои истифодабарӣ. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар ташаккулёбии асосҳои илмии инкишофи таҳсилоти салоҳиятнок дар низоми инкишофи сармояи инсонӣ ва муқаррар намудани алоқаҳои шуморавӣ байни иқтидори низоми таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо, дар шароити тағйиротҳои назаррас дар сохтори соҳавии иқтисодиёт ба миён меомада, истифода шуданаш мумкин аст. Тағйирёбии сохтории иқтисодиёт таҳсилоти салоҳиятнокро ба таркиби асосии ҷараёни саноатикунонӣ мубаддал карда, аз рӯи натиҷаҳои ба даст овардашудаи таҳқиқот бояд заминаҳои устувори алоқаи байни илм ва истеҳсолот таъсис дода шаванд.

Соҳаи истифодабарӣ: натиҷаҳои диссертатсия метавонад дар такомули санадҳои меъёрӣ ҳуқуқи ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соҳаи сармояи инсонӣ ва таҳсилоти салоҳиятнок истифода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Менеҷменти стратегӣ” ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**ANNOTATION**

**to the abstract of the dissertation of Khamidova Sarvinoz Khamraboevna on the topic "The role of competency-based education in human capital development: theory, methodology, practice", submitted for a Doctorate degree in Economics in the branch 08.00.01.01 - General Economic Theory (Political Economy).**

**Key words:** human capital, competency-based education, formation, development and effective use of competency-based education, competency, competence, simulation model for forecasting the needs of the economy in specialists, system dynamics method, cause-and-effect relationship.

The aim of the dissertation research is the theoretical and methodological reasoning the role of competency-based education in the system of human capital development by upgrading the system of higher education.

Object of study. The object of the study is the process of formation and effective use of competency-based education in the system of human capital development in the Republic of Tajikistan.

Subject of study. The subject of the study is the set of socio-economic relations arising in the process of formation and effective use of competency-based education in the system of human capital development.

Research methods and equipment used. The basis of the methodological research is the study the scientific works of domestic and foreign scientists devoted to theoretical and practical issues of human capital development and competency-based education. During the period of scientific research, general scientific and other methods of analyzing socio-economic processes were used.

The results achieved and the novelty of the dissertation work is to study the theoretical and practical aspects of the role of competency-based education in the human capital development based on the study of various opinions of domestic and foreign scientists on this subject, as well as the theoretical and methodological reasoning the need to adapt the potential of the educational component of human capital to the economy needs, identifying the role of competency-based education in human capital development and recommendations for the effective use of educational potential in the context of accelerated industrialization.

Recommendations for use. The main outcomes of the dissertation can be used in the formation of the scientific foundations for the development of competency-based education in the system of human capital development and the establishment of quantitative links between the potential (current and developing) of higher education system and the economy's need for specialists with higher professional education in the context of groups of specialties, in conditions of fundamental changes emerging and occurring in the sectors of economy structure . Changes in in the sectors of economy structure turn competency-based education into a dominant component of the process of accelerated industrialization, therefore, based on the results of the study, it is necessary to create stable prerequisites for establishing a connection between science and production.

Scope of use: the outcomes of the dissertation work can be used to improve the legal acts and strategic documents in the field of human capital and competency-based education. Also, the outcomes of the study were used in conducting disciplines as "Economic Theory", "Regional Economics", "Strategic Management", "National Economics", etc.